Ў З Б Е К И С Т О Н   Р Е С П У Б Л И К А С И
ОЛИЙ ВА ЎРТА МАХСУС ТАЪЛИМ ВАЗИРЛИГИ

ТЕРМИЗ ДАВЛАТ УНИВЕРСИТЕТИ
ФИЛОЛОГИЯ   ФАКУЛТЕТИ

доц.   РАМАЗОН АБДУЛЛАЕВ

# ЭРОНИЙ ХАЛҚЛАР АДАБИЁТИ

ФАНИДАН

## МАЪРЎЗА МАТНИ



ТИРМИЗ-2012

Адабиёти тоҷик баъд аз асри ХУ1 ҳамчун шохаи мовароуннаҳрии адабиёти муштараки форс-тоҷик роҳи мустақилонаи тараққиётро аз сар гузаронидааст. Бо вуҷуди ин, дар давраи мавриди назари инкишофи таърихии адабиётамон таъсири байниҳамдигарӣ ва алоқаҳои адаб\ бо кишварҳои ҳамчавори форсизабон, аз он ҷумла Эрону Афғонистон устувор будааст. Таҳқиқи ҳарҷонибаи адабиёти тоҷик баррасии ин ҳодисаи ҳаёти адабиро тақозо менамояд. Бино бар ин зарурат таҳқиқу таълими адабиёти давраи мавриди баҳси Эрону Афғонистон дар шӯъбаҳои филологияи тоҷики донишгоҳҳои олии чумҳуриамон пешбинӣ шудааст. Аммо то ба имрӯз дар чумҳуриамон оиди адабиёти Эрону Афғонистон дастури таълимӣ ва ё китоби дарсие таълиф нашудааст. Васоити таълиме, ки ба хонандагон манзур мешавад, яке аз аввалин кӯшишҳо дар соҳа мебошад.

Дар ин рисола мулоҳизаҳои муқаддамотӣ оиди муҳимтарин ҳодисаҳои ҳаёти адабии Эрони аҳди Сафавия ва Қочория, ҳамчунин адабиёти маорифпарварии Афғонистон арзёбӣ шуда, оиди симоҳои намоёни адабии ин аҳд маълумот оварда шудааст.

Азбаски чунин васоити таълимӣ бори аввал нашр мегардад, аз хонандагони китоб хоҳиш карда мешавад, ки андешаву мулоҳизаҳои худро нисбати ҳусну қубҳи он баён намоянд.

Муҳаррири масъул:

Муқарриз:

# МУҚАДДИМА

Дар тадқиқотҳои илмии адабиётшинос\ қаламрави мафҳуми адабиёти халқҳои эрон\ дақиқ муайян нагардидааст. Аммо дар аксари гузоришоти илмии муҳаққиқони адабиёт таҳти мафҳуми адабиёти халқҳои эрон\ офаридаҳои бадеие дар назар дошта мешавад, ки маҳсули тафаккури бадеии халқҳои форсизабони Эрон, Афғонистон ва Осиёи Миёна мебошанд. Адабиёти халқҳои эрон\ соҳиби таърихи кухан ва пурғановат буда, дар тўли асрҳои IХ-ХУ дар як ҳудуди чуғрофию шароити таърих\ ва сатҳи ҳамгуни маданию маънав\ ташаккул ёфта ва рушду нумўъ кардааст ва аз ин лиҳоз барои ҳар се халқи ҳамхуну ҳамнажод муштарак мебошад. Ин адабиёт дар навиштаҳои муҳаққиқон бо номҳои «адабиёти форс» ва «адабиёти Эрон» ёдрас мешуд, аммо мансубияти он ба ҳар се халқи номбурда аз ҷониби бисёр олимони адабиётшинос таъкид мегардид. Ин ихтилоф бо саъю эҳтимоми эроншиносони варзида, махсусан С.Айн\, С.Нафис\, Е.Э.Бертелс ва монанди инҳо тасҳеҳ гардида, ба мафҳуми умумии адабиёти «форс-тоҷик» номгузор\ шуд ва ин унвон аз ҷониби аҳли тадқиқ эътироф гардид.

Дар охирхои асри ХУ ва ибтидои асри ХУI вазъияти таърихи дигаргун шуда, Эрон ва Осиёи Марказ\ (Мовароуннаҳр) ҳам аз ҷиҳати сиёс\ ва ҳам аз ҷиҳати иқтисод\ мувофиқан байни сулолаҳои Сафавиён ва Шайбониён қисмат карда шуд. Таҳти таъсири оштинопазирии мазҳабии ин ду сулолаи турк алоқаҳои мадан\, аз он ҷумла равобити адабии халқҳои тоҷику эрон\ гусаста мешавад. Бар асари ҳамин муноқишаю ҷудоиандозиҳои мазҳаб\ ва тохтутозҳои хунини ҳарб\ пояи муштаракии адабиёти халқҳои номбурда хароб мешавад, алоқаҳои адабию мадании онҳо таназзул меёбад. Адабиёти муштараки форс-тоҷик аввал ба ду ва дар

даврони баъд\  ба се бахш қисмат шуда, ҳар яке аз онҳо роҳи мустақилонаи инкишофро пеш мегиранд. Ҳар яке аз адабиёти халқҳои эрон\ баъд аз асри XУI дар кишварҳои мухталиф, шароити мушаххаси таърих\ ва таҳти таъсири тафаккури мазҳабии гуногун инкишоф ёфтааст. Бинобар ин ҳар яке аз онҳо аз бисёр ҷиҳатҳо, махсусан мазмуну мундариҷаи ғояв\, сабку услуби нигориш, системаи образҳо, предмету объекти тасвир ва ғайра аз ҳам фарқ доранд. Бо вуҷуди ин умумияти нажодию қавм\, динию забон\, ҳамчунин иртиботи фарҳангию адаб\ онҳоро ба ҳам наздик менамояд. Махсусан дар заминаи адабиёти муштараки форс-тоҷик ва идома додани анъанаҳои он инкишоф ёфтани адабиёти халқҳои эрон\ шабоҳати назаррасеро ба миён овардааст.

Баррасии адабиёти халқҳои эрон\,  қиёсу муқобалаи равандҳои инкишоф ва  ҳамчунин падидаҳои адабии онҳо аз бисёр ҷиҳат арзишманд, аҳамиятнок ва муҳим аст. Ба ин восита, аввалан пешрафти тафаккури баде\ ва махсусиятҳои роҳи инкишофи умуман адабиёти халқҳои форсизабон таъин гардад, сонияи паҳлӯҳои ноаёни адабиёти ҳар яке аз халқҳои номбурда кашф карда мешавад. Бинобар ин тадқиқи адабиёти халқҳои эрон\ барои муҳаққиқон ва дӯстдорони каломи бадеии ҳар яке аз онҳо амри воҷиб аст.

**АДАБИЁТИ АҲДИ САФАВИЯ**

**(асри ХУI ва нимаи аввали асри ХУIII)**

**НАҚША:**

1.Сарчашмаҳои адаб\ дар тадқиқи адабиёти Хуросону Эрони асри ХУ1

**2.**Ҳаёти адаб\ дар давраи Сафавияи аҳди аввал

**3.** Беэътиноии Сафавиёни аҳди аввал ба маданияту адабиёт

Дар бораи ҳаёти адабии Хуросону Эрони аҳди Сафавия сарчашмаҳои адаб\, аз он ҷумла «Мачолисуннафоис» - и Алишери Наво\, «Бадоеъулвақоеъ»-и Восиф\, «Туҳфаи Соми»-и Соммирзои Сафави, «Хулосатулашъор»-и Тақии Кош\, «Тазкиратушшуаро»-и Насробод\, «Ҳафт иқлим»-и Амин Аҳмади Роз\, «Арофотулошиқин ва арасотулорифин»-и Тақиуддини Авҳад\ ва ғайраҳо маълумоти пурқиммат медиҳанд. Баъзе муаммоҳои адабиёти ин ҳавзаи адаб\ ва масъалаҳои ҷудогонаи ҳаёту эҷодиёти бархе аз намояндагони он ҳамчунин дар асарҳои таърих\, монанди «Ҳабибуссияр»-и Хондамир, «Тазкиратуттаворих»-и Абдуллои Кобул\, «Шарофномаи шоҳ\»-и Ҳофизи Таниш ва ғайраҳо баррас\ шудааст. Аз сарчашмаҳои номбурдаи адаб\ дар тадқиқи адабиёти Хуросону Эрони асри ХУ1 «Тӯҳфаи Сом\»-и Соммирзои Сафав\ ва «Тазкиратушшуаро»-и Насробод\ арзиши бештар доранд.

Тазкираи «Тӯҳфаи Сом\»-и Соммирзои Сафав\ дар пайравии «Маҷолисуннафоис»-и Алишери Наво\ дар соли 1550 таълиф гардидааст. Муаллифи он шаҳзодаи сафавия, писари шоҳ Исмоил Соммирзо мебошад. Дар ин тазкираи ҳаҷман бузург дар ҳудуди

ҳафт боб дар бораи 713 нафар шоирони охири асри ХУ ва нимаи аввали асри ХУ1 маълумот оварда мешавад. Дар баррасии ҳавзаи адабии мавриди назар боби (саҳифаи ) ҳафтуми ин тазкира аҳамияти махсус дорад, зеро дар ин бахш дар бораи 47 нафар адибе сухан меравад, ки фаъолияти эҷодии онҳо дар Эрон гузаштааст. Дар бобҳои дигари ин тазкира низ зикри шоирони эрон\ ҷой дорад. Тазкираи мавриди баҳс мувофиқи тартиби табақоти иҷтимоии шоирон мураттаб гардидааст. Аз ин лиҳоз, дар ин асари пурарзиш дар бораи шоирони табақаҳои миёна ва поёни ҷамъият\, аз он ҷумла аҳли ҳунару ҳирфа низ маълумоти пурқиммат дарҷ гардидааст.

Сарчашмаи дигаре, ки дар бораи адабиёти Эрони асри ХУ ҳовии маълумоти бештар ва боэътимод аст, «Тазкиратушшуаро»-и Насробод\ мебошад. Эътимоднокии маводи ин тазкира дар он зоҳир мешавад, ки муаллифи тазкира маълумоти дарҷёбандаро дар шакли мусоҳиба бо шоирон ва ё аз тариқи мукотиба бо онҳо дарҷ намудааст. Фасли аввали боби чоруми ин тазкира ба зикри шоирони Эрон тахассус ёфта, дар он оиди адибони давраи мавриди назар низ маълумот оварда мешавад. Дар сарчашмаҳои дигари адабию таърих\ низ оиди адабиёти Эрони асри ХУ1 маълумоти қобили диққат дарҷ гардидааст, ки дар мавридҳои зарур\ ба онҳо истинод менамоем.

Адабиёти аҳди Сафавия дар ду бахш маълум мешавад. Бахши аввали он ба давраҳои ҳукмронии Исмоилу Таҳмоспи аввал, Исмоили сон\ ва Муҳаммади Харбанда (с-ҳои 1502-1587) рост меояд ва асосан асри ХУ1 мелодиро фаро мегирад. Бахши сонии он аз замони ҳукмронии Аббоси аввал то интиҳои ҳукумати ин сулола идома меёбад.

**Ҳаёти адаб\ дар давраи Сафавияи аҳди аввал.** Ҳукуматдорони Сафавияи аҳди аввал ба ривоҷи пешрафти адабиёт, махсусан назми мадеҳавӣ беэътиноёна назар мекарданд. Беэътибории онҳоро ба шеъру шоирӣ маълумоти сарчашмаҳо низ собит менамоянд. Муаллифи «Оламорои Аббос\» дар ин хусус маълумоти ҷолиберо овардааст. Мувофиқи маълумоти ин сарчашма яке аз шоирони намоёни ин аҳд Муҳташами Кошон\ ба шоҳ Таҳмосп қасидаи ғаррое таълиф намуда, тақдим менамояд. Подшоҳи номбурдаи Сафав\ аз ин ҳол озурдахотир гардида мефармояд: «ман роз\ нестам, ки шуаро забон ва мадҳи ман олоянд»1, 392-393).

Аз ин маълумот ба хуб\ аён мегардад, ки ҳукуматдорони Сафавия одоби қасидапардозони силаҷӯро намеписандидаанд. Таваҷҷӯҳи «мадании» ин сулолаи шиамазҳабро тарғибу таҳкими мазҳаби расмии давлат\, яъне мазҳаби шиа ташкил менамуд. Ба ин мақсад онҳо, аз як тараф ба тараққию инкишофи улуми дин\ эътибор диҳанд, аз ҷониби дигар ашъореро мепазируфтанд, ки ғояҳои мазҳаби онҳоро ифода намояд. Ба ибораи дигар, онҳо адабиётро ба яроқи мубориза мафкурав\ табдил дода буданд. Бинобар ин дар ин аҳд анъанаю суннатҳои адаб\, ки дар заминаи мазҳаби сунн\ ташаккул ва ривоҷу равнақ ёфта буд ва адабиёти дарбор\ онро аз давраи Ғазнавиён то ба ин аҳд маҳфуз дошта меомад, аҳамияту эътибори худро аз даст дод. Адабиёти дарбории ин давр мафкураи сулолаи Сафавиёнро ифода менамуд. Шоирони дарбор\ мувофиқи дархости нишондоди ҳукуматдорон ва васфи пайғамбару халифа Ал\ ва имомҳои мазҳаби шиа пардохта, бозори маноқибу марсияфурӯширо метафсониданд. Аммо офаридаҳои бадеии онҳо арзишу аҳамияти иҷтимоиеро молик набуд.

Беэътиноии аҳли ҳукумат ба шеъру шоир\ ва таназзули адабиёти дарборӣ дар ҳамаи марказҳои адабии он давр ба назар мерасад. Касодии бозори шеър дар дарбор боиси он шуд, ки шеъру адаб аз доираи дастгоҳи мулук берун омада, дар муҳити шаҳру доираҳои аҳли ҳунар интишор ёбад. Бояд тазаккур намуд, ки ин ҷараён, яъне раванди аз доираи дарбор берун рафтани адабиёт ва дар муҳиту шаҳру доираҳои аҳли ҳунар ривоҷу равнақ ёфтани он ҳодисаи бесобиқа набуд. Ин падида ҳанӯз дар адабиёти Мавороуннаҳри асрҳои Х1-Х11 ба назар мерасад. Дар ин давра ин ҷараён хеле пурқувват ва таҳким ёфта, самтҳои инкишофи адабиётро таъин менамояд.

**Беэътиноии Сафавиёни аҳди аввал ба маданияту адабиёт** омили асосии заъфи марказу мактабҳои адаб\ ва азми сафар кардани шоирон ба кишварҳои ғайр, махсусан ба Ҳинду Осиёи Миёна гардид. Дар ин аҳд махсусан аҳли сухан мавриди бемеҳр\ қарор гирифта буданд ва шеър дар дарборҳо аз ривоҷ монда буд. Ба ин аҳвол ағлаби шуаро моли худро на ба дарбор, балки ба бозор, яъне назди омма мебурданд ва шеър ба кӯчаву бозор роҳ гирифта буд. Аммо дар дарбори Темуриёни Ҳинд алоқа ба шеъру шоирӣ хеле зиёд буд ва аҳли адабу илм рӯ ба ин дарбор меоварданд. Абдулҳусайни Зарринкӯб навиштааст: «Дар солҳои охири салтанати шоҳ Аббос, ки шоир Соиб Исфаҳонро тарк мекард, дарбори Темуриёни Ҳинд рӯзи бозори шеъру адаб буд. Шоҳиҷаҳон, ки вориси тахти Акбар ва Ҷаҳонгиршоҳ буд, мисли онҳо ба адабу ҳунар алоқа меварзид. Дар он замон дар дарбори Эрон дигар чандон ба шеър алоқае нишон намедод, дуруст аст, ки дар дарбор баъзе шоирон рафту омаде мекарданд, аммо “колои” онҳоро дар он ҷо касе ба чашми аҳамият наменигарист. Бисёре аз шоирони вақт

низ бозориён буданд ва ҳамин нукта шеърро аз зери равоқи мадраса ба зери сақфи чаҳорсӯву қаҳвахона кашонида буд. Бо ин ҳама, албатта, шеър дар Эрон қадру қимате надошт ва касоне, ки завқу истеъдоде доштанд, дар манзили худ шӯҳрат нимеёфтанд. Дарбори Темуриён дар ин айём беш аз дарбори Сафавия мавриди таваҷҷӯҳи шоирон буд. Ҳеч саре набуд, ки дар ин рӯзгорон шавқи сафари Ҳинд надошта бошад ва ҳеч шоире набуд, ки хаёли дарбори бошукӯҳи Ҷаҳонгир ва Шоҳиҷаҳонро дар сар напарварад»( ). Бештарини шоирони Эрони ин аҳд, ки фаъолияти онҳо бо дарбор алоқаманд буд, ватани худро тарк намуданд. Қисми асосии онҳо ба чи хеле ки А. Зарринкӯб таъкид менамояд, ба Ҳиндустон ба дарбори Темуриёни Ҳинд шитофтанд ва қисми дигарашон, чунонки дар «Бадоеъулвақоеъ»-и Восифи омадааст, ба Самарқанду Бухоро ва ё Туркистон омаданд.

## Адабиёти Сафавияи аҳди аввал ва нақши он дар муҳити адабии замони мазкур

Нақша:

1. **Пешрафти адабиёти Сафавияи аҳди аввал**
2. **Муҳити шаҳру доираҳои ҳунарманд\ жанри асосии адабиёти шаҳр**
3. **Ривоҷи адабиёти шаҳр ва доираи ҳунармандӣ.**
4. **Мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявии адабиёти шаҳр ва доираҳои ҳунармандии**

**Дар пешрафти адабиёти Сафавияи аҳди аввал нақши як идда уламои шиамазҳаб**, аз он ҷумла фақеҳон низ калон буд, ки бар шеъри шоирӣ низ шуғл меварзиданд. Ба радифи онҳо шайх **Баҳоуддин Муҳаммади Омул\, Мир Муҳаммад Боқири**

**Астаробод\, Садриддини Шероз\, Абдураззоқи Лоҳич\, Файзи Кошон** ва ғайраҳоро дохил намудан мумкин аст, ки баробари тадқиқоти илм\ ба эҷоди асарҳои баде\ низ шуғл меварзиданд.

Вобаста ба беэътиноии подшоҳони Сафав\ нисбати шеъру шоир\ ва ривоҷи адабиёти доираҳои ҳунарманд\ дар системаи жанрии адабиёт низ дигаргуниҳои ҷидд\ ба вуҷуд омад. Дар ин давра анъанаҳои қасидасаро\, ки яке аз самтҳои асосии инкишофи адабиёт маҳсуб мешуд, қатъ гардида, назми мадеҳавии дарбор\ арзишу аҳамияти худро комилан аз даст дод. Дар ҳамбастагии пешрафти адабиёти шаҳр жанрҳои хурди лирикӣ, махсусан ғазал хеле тароқ\ намуда, ба яке аз жанрҳои интишорёфтаи адаб\ табдил ёфт. Осори адабиёти ин аҳд гувоҳ\ медиҳад, ки жанрҳои адабии қитъа, рубо\ ва маснави низ ривоҷу равнақ доштаанд. Эҷодиёти асари шоирони ин давр аз асосан намунаҳои жанрҳои номбурдаи адаби ташаккул ёфтаанд.

Ҳодисаи муҳимми адабиёти ин давра пешрафту тараққии жанрҳои муаммо, луғзу чистон ва амсоли инҳо мебошанд, ки бунёди онҳоро *техникаи* шеър\ ташкил менамояд. Навъҳои мазкури шеър\ дар ин давра ба санги маҳаки иқтидори шоири табдил ёфта, санҷиши маҳорати эҷоди тавассути онҳо сурат мегирифт.

Бо интишори адабиёт дар **муҳити шаҳру доираҳои ҳунарманд\ жанри асосии адабиёти шаҳр шаҳрошӯб** хеле ривоҷу равнақ меёбад. Намунаҳои бештарини ин жанри адаби беш аз ҳама дар давраи мавриди назар таълиф гардидаанд. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо махсусан «Тӯҳфаи Сом\»-и Соммирзо бештарин шаҳрошӯбҳо аз тарафи шоирони эрони ин аҳд, аз он ҷумла **Огаҳии Хуросон\, Розии Исфаҳон\, Рашкии Ҳамадон\,**

**Некии Исфаҳон\, Ҳолатии Теҳрон\, Калими Ҳамадон** ва ғайраҳо тасниф шудаанд.

Ба ин тариқа, дар Эрони асри ХУ1 дар иртибот бо беэътиноии ҳукуматдорони Сафавӣ дар ҳаёти адаби дигаргуниҳои ҷидди ба вуҷуд омада, назми мадеҳавии дарбори рӯ ба таназзул мениҳад, адабиёти шаҳру доираҳои ҳунармандӣ ривоҷу равнақ меёбад.

Ҳамаи ин дигаргуниҳо дар системаи жанрии адабиёти ин давр таъсири назаррас мерасонад: жанри асосии адабиёти давраҳои гузашта қасида мавқеи худро аз даст медиҳад, жанрҳои адабиёти шаҳру доираҳои ҳунарманд\, махсусан ғазал ва шаҳрошӯб интишор меёбад. Луғзу чистон ва муаммогӯиву муаммошикоф\ ба шуғли асосии аҳли шеъру адаб табдил мегардад.

**Ривоҷи адабиёти шаҳр ва доираи ҳунармандӣ.** Яке аз ҷараёнҳои пешрави адабиёти аҳди Сафавия адабиёти шаҳру доираҳои ҳунарманд\ мебошад. Ин ҷараёни адаб\, мувофиқи эътирофи олимони адабиётшинос, аз он ҷумла С.Саъдиев дар адабиёти форсу тоҷик ҳанӯз дар асри ХП ташаккул ёфта, дар давраҳои баъд\ ҳамзамон бо адабиёти дарбор\ ва тасаввуф\ дар инкишофу тараққии тафаккури бадеии халқҳои эрон\ ҳиссагузор\ менамуд. Дар асри ХУ1 дар Хуросону Эрон ҷараёни адабии мавриди назар хеле вусъат пайдо намуда, дар ҳаёти адаб\ мавқеи намоёнеро ишғол менамояд. Ривоҷу равнақи бесобиқаи адабиёти шаҳру доираҳои ҳунарманд\ ба тараққии касбу ҳунар дар шаҳрҳо ва дар ҳаёти ҷамъият\ мавқеъ пайдо намудани табақаҳои миёна ва поёнии аҳол\, аз он ҷумла аҳли ҳунару ҳирфа алоқамандии узв\ дорад. Ба ривоҷи адабиёти шаҳру доираҳои ҳунарманд\ таназзули адабиёти дарбор\ ва арзишу аҳамияти худро гум кардани анъанаю суннатҳои адаб\ мусоидат намуданд.

Хусусияти ба худ хоси ҳаёти адабии ин аҳд аз он иборат аст, ки дар ин давра маҷлисҳои шеъру маҳфилҳои адаб\ на танҳо дар дарбори шоҳон ва даргоҳи ҳукуматдорон, балки дар кӯчаву бозор, растаҳои тиҷоратию коргоҳҳои косиб\, ҳатто дар қаҳвахонаю майхонаҳо баргузор мегардиданд. Дар пешрафти ҳаёти адаб\ ба ғайр аз шоирони касб\ намояндагони табақаҳои гуногуни ҷамъият\, махсусан ҳунармандону *пешаварон* фаъол иштирок менамуданд. Мувофиқи маълумоти «Тӯҳфаи Сомӣ»-и Соммиро як қисми калони шоирони давраи мавриди назари Эрону Хуросон аз муҳити шаҳру доираҳои аҳли ҳунар сабзида баромада, пешаи асосии онҳо шоир\ набудааст. Онҳо маишату зиндагии худро аз ҳисоби касбу ҳирфаи бобо\, яъне ҳунармандию пешавар\ таъмин намуда, дар вақти фароғати худ аз машғулиятҳои касб\ ба шеъру шоир\ машғул мешудаанд. Мувофиқи нақли муҳаққиқону тазкиранависон ва таърихнигорони ин давра намоёнтарин шоирони ин аҳд ба ин ё он касбу пеша машғулият доштаанд. Минҷумла, аз симоҳои маъруфи адабиёти ин аҳд Мавлоно Вахшӣ мактабдор, Мӯҳташами Кошон\ баззоз, Шифои Исфаҳон\ табиб, Огаҳии  Хуросон\ мунш\, Некии Исфаҳон\ тоҷир будаанд. Дар ин давра ба эҷоди баде\ на танҳо аҳли ҳунару ҳирфа, балки намояндагони табақаҳои мухталифи ҷамъият\ ширкат доштанд. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки дар давраи мавриди баҳс доираи иҷтимои қувваҳои адаб\ вусъати беандоза пайдо намуда, дар ҳаёти адаб\ ба ғайр аз шоирони касб\ намояндагони тоифаҳои гуногуни ҷамъиятӣ фаъолона иштирок  мекарданд.

Маводи сарчашмаҳои адаб\ гувоҳ\ медиҳанд, ки дар ин аҳд на танҳо доираи иҷтимоии қувваҳои адаб\, балки қаламрави хонандагону дӯстдорони каломи бадеӣ низ васеъ мешавад. Дар маҳфилу маҷлисҳои адабии ин давра, ки дар майхонаю

қаҳвахонаҳо, растаҳои бозору коргоҳҳои косиб\ суръат мегирифтанд, ба ғайр аз аҳли ҳунару ҳирфа намояндагони тоифаҳои гуногуни ичтимо\, ҳатто шоҳзодаҳои Сафав\ иштирок мекарданд. Дар натичаи интишори адабиёт дар муҳити шаҳру доираҳои ҳунарманд\ ва иштироки фаъоли намояндагони табақаҳои миёна ва поёнии аҳол\ дар эчоди бадеӣ мафкураи табақаҳои мазкури чамъият\ ба адабиёт роҳ меёбад, манфиати онҳо дар мазмуну мундаричаи ғоявии адабиёт тачассум мегардад.

**Мавзӯъ ва мундаричаи ғоявии адабиёти шаҳр ва доираҳои ҳунармандии** ин аҳдро васфу ситоиши аҳли ҳунар, ҳачву танқиди ҳукуматдорони хасису зулмпарвар, ҳазлу мутоибаи шоирони ҳунарманд ташкил менамояд. Адабиёти шаҳру доираҳои ҳунарманд\ ба дарачае нуфузу эътибор пайдо карда буд, ки ҳатто шоирони касб\ ба ин мавзӯъҳо мурочиат намуда, асарҳои пурарзише меофариданд. Ба сифати далел «Номаи номӣ» ном асари Хондамир ва «Мачмаъуласноф» ном асари Лисонии Шерозиро зикр намудан мумкин аст, ки дар онҳо мавзӯъҳои адабиёти шаҳр ва доираҳои ҳунарманд\ баррас\ шудааст. Яке аз мавзӯъҳои адабиёти шаҳр, аз он чумла осори мазкури Хондамир ва Лисон\ васфи ҳунармандону пешаварон мебошад. Предмети тасвири адабиёти баде\ қарор гирифтани ҳунармандону пешаварон ва бар хилофи адабиёти даврони гузашта объекти васфу ситоиш интихоб шудани онҳо гувоҳи он аст, ки табақаҳои мазкури ичтимоӣ дар ҳаёти чамъият\ накши чашмгире доштанд. Васфу ситоиши аҳли ҳунару ҳирфа дар эчодиёти як қатор шоирони ин давра, монанди Ваҳиди Табрез\, Ҳолатии Теҳрон\, Ишқии Хавоф\. Фағфури Лоҳич\, Калими Ҳамадон\, Ваҳиди Қазвин\, ва ғайраҳо мавқеи калон дошта, яке аз мавзӯъҳои асосии эчодиёти онҳоро ташкил менамояд. Дар осори

ҳунармандии шоирони номбурда муҳити кору лаҳзаҳои фаъолияти касбии аҳли ҳунар бисёр ҷолиб ва воқеънигорона инъикос ёфтааст. Муаллифони ин қабил ашъор ҳунармандону пешаваронро дар коргоҳҳои косибию ҳунармандӣ машғули фаъолияти касбӣ ва ташвишу тараддуди рӯзмарраи зиндаг\ ба риштаи тасвир кашида, симои воқеию рӯзгории онҳоро таҷассум намудаанд. Аз ин ҷиҳат дар ашъори ҳунармандии ин аҳд майли тасвири воқеънигорона (реалист\) имтиёз пайдо кардааст, ки дар ашъори анъанав\ ва суннатии адабиётамон ин ҳолатро мушоҳида намекунем.

**Мавзӯи дигари адабиёти ин давра ҳаҷву мутоиба мебошад**. Ин мавзӯъ зотан бо адабиёти шаҳру доираҳои ҳунарманд\ иртиботи қав\ дошта, унсури муҳими онро ташкил менамояд. Дар адабиёти давраи мавриди назар низ бинобар инкишофи бесобиқаи адабиёти шаҳр ҳаҷву мутоиба хелеривоҷу равнақ меёбад. Дар эҷодиёти шоирони ҳиҷогӯи ин аҳд, аз он ҷумла дар ашъори Огаҳии Хуросон\, Ҳайратии Тун\, Муҳаммадқосим Зории Исфаҳон\, Рашкии Ҳамадон\, Некии Исфаҳон\ ва дигарон оҳанги шикояти пурсӯз аз нобасомонию ноҳамвор\ ва бадмеҳрию бевафоии замон баланд садо медиҳад, золимию беадолат\ ва нобакорию қаллобии арбобони давлат\, ҳамчунин дурӯягию риёкор\ ва фитнаангезию мардумфиребии мутаассибони аҳли масҷиду хонакоҳ фош гардида, ҳадафи ҳаҷви беамон қарор ёфтааст. Ба радифи машҳуртарин осори ҳаҷвии ин аҳд қасидаи дар пайравии «Дарёи аброр»-и Амир Хусрави Деҳлав\ навиштаи Огаҳии Хуросон\, қасоиди шаҳрошӯби Зории Исфаҳон\, Рашкии Ҳамадон\ ва ғайраҳо мансубанд, ки дар тазкираҳо ҳамчун воқеаи муҳими ҳаёти адаб\ зикр шудаанд.

Ба ин тариқа, дар ҳаёти адабии Хуросону Эрони асри ХУ1 дигаргуниҳои ҷидд\ ба амал омада, адабиёти шаҳру доираҳои

ҳунарманд\ қувват меёбад. Дар ин давра қаламрави иҷтимоии қувваҳои адаб\ ва доираи хонандагону дӯстдорони он вусъат пайдо намуда, дар ҳаёти адаб\ табақаҳои мухталифи ҷамъият\, аз он ҷумла ҳунармандону пешаварон низ ширкат менамоянд. Дар адабиёти ин аҳд ашъори ҳунарманд\ ривоҷу равнақ ёфта, васфи ҳунармандону пешаварон ба мавзӯи асосии адабиёт табдил меёбад. Вобаста ба интишори адабиёт дар муҳити шару доираҳои ҳунарманд\ ҳаҷву мутоиба, ки унсури асосии ин ҷараёни адаб\ ҳисоб меёбад, ривоҷу равнақ меёбад.

**Дигаргуниҳои услуб\ дар адабиёти ин аҳд.** Дигаргуниҳои назарраси ҳаёти адабии давраи Сафавия ташаккули сабки нави адаб\ ва интишори босуръати он аст. Ин падидаи тозаи услуб\, ки дар сарчашмаҳо таҳти унвонҳои «шеъри тоза», «тарзи нав», «сабки вуқӯъ», «шеваи тоза» ва амсоли инҳо зикр мешавад, дар Хуросону Эрони охирҳои асри ХУ ва ибтидои асри ХУ1 ташаккул ёфта, дар даврони баъд\ дар Ҳиндустон нашъунамо менамояд ва ба дараҷаи баланди тараққиёти худ мерасад. Бинобар ин услуби ҷадид баъдҳо бо номи «сабки ҳинд\» маълуму машҳур гардидааст.

Пайдоишу нуфуз пайдо намудани сабки нави адаб\ ба як қатор омилҳо вобаста мебошад. Интишори адабиёт дар муҳити шаҳру доираҳои ҳунарманд\ заминаи асосии ташаккули услуби нави адаб\ гардид. Дар натиҷаи ривоҷу равнақи бесобиқаи ҷараёни мазкур анъанаю суннатҳои адаб\ арзишу аҳамияти худро аз даст дод. Бунёди ашъори суннатии адабиётамонро таҷассуми пуробурангу пурэҳсоси идеалҳои олии инсонӣ ташкил менамуд. Шоирон орзую омол ва ғояҳои наҷибу олии инсониро бо рӯҳи баланди романтик\ ифода менамуданд. Олами офаридаи тафаккури баде\ ва тахайюли шоиронаи онҳо олами ғайривоқе\ ва идеалию романтикие буд, ки

арзиши баланди завқ\ дошт. Тасвири чунин олам образҳои нафису зебо, забони шевою гуворо ва ба фаҳму зеҳн наздикро тақозо менамуд. Ҷилою рангорангии ин олами хаёлию идеал\ аҳамияти эстетикии осори адабиро ташкил менамуд. Ҳамаи лавозимоти шеър барои ҳарчи мукаммалтару зеботар ва ба тасаввур наздиктар офаридани он олам равона ва маҳорати эҷод\ аз рўи дараҷаи мукаммалии он муайян мегардид. Ин принсипи эҷоди баде\ бо интишори адабиёт дар муҳити шаҳру доираҳои аҳли ҳунар арзишу аҳамияти худро аз даст медиҳад. Дар шароити нав майли воқеънигор\ дар шеър нуфузу эътибор пайдо намуда, обекти тасвири адабиёти баде\ вусъат пайдо мекунад, ҷои образҳои идеалию романтикиро образу ашёҳои замин\ ва мазмунҳои оддии воқе\  мегирад. Ба ибораи дигар, қаламрави предмети тасвири адабиёт васеъ шуда, ашёҳои чандон арзиши эстетик\ надошта мавриди тасвири осори адаб\ қарор мегиранд (сababи дар ашъори ҳунарманд\ ифода наёфтани маъниҳои тасаввуф\ дар ҳамин аст). Таваҷҷўҳи шоирон ба ифодаи ғояҳои олию наҷиби инсон\ не, балки ба ибтикорот дар корбурди ғайрианъанавии лавозимоти шеър\, яъне техникаи шеърофар\ нигаронида мешавад. Сабки нав, чунон ки С.Саъдиев дуруст таъкид менамояд, дар эҷодиёти ҳар шоири навпардоз ба ҳар тарзу ранге зоҳир гардида бошад ҳам, аммо нишонаи умум\ ва хусусияти асосие дошт, ки он назокату диққати ифодаи маън\ буд. Дар ашъори сабки ҷадид назокату латофат ва рангиниву диққати хаёли шоирона бештар буд. Шоирони навпардоз ва пайравони онҳо бо роҳи нозукравиҳо ва диққати хаёл мазмунофарин\ мекарданд. Сабки ҷадиди шеър\ ба мазмун(маън\) офарин\ асос ёфта буд. Пешиниён таҳти мафҳуми мазмун (маън\) на мазмуни муқаррар\ ё ғояи шеър, балки маънии бадеии он, агар ба

истилоҳи имрӯза гӯем, фикри баде\ ё худ образи шоиронаро дар назар доштанд. Азбаски мазмуни баде\ ҳамчун образи шеър\ офарида ва кашф карда мешуд, бинобар ин таъбири мазмунофарин\ (ё маъниофарин\) дуруст ба назар мерасад. Дар шеъри давраҳои гузашта низ мазмунофарин\ вуҷуд дошт. Вале дар адабиёти Эрони асри ХУ1 ва даврони баъд\ вай ба мақсади асл\ ва ҷавҳари шеър табдил ёфт. Дар шеъри сабки ҷадид шоир аз ифодаи эҳсосоти қалбии худ дида бештар ба мазмунофарин\ ва нуктапардоз\ аҳамият медод (16, 171-176).

Маъниофаринию мазмунёб\ ва ибтикороти шоирон дар ин соҳа баъзан ба дараҷаи ифрот расида, фикр ва ифодаи образнокии он ба дараҷаи ниҳоят печидаву сарбаста мегардид. Дар ашъори шуарои пайрави сабки ҳинд\ офарида шудани образҳои мавҳум натиҷаи ҷустуҷӯи мазмуну маънии тоза мебошад.

Интишори сабки ҳиндӣ ва эътибору нуфуз пайдо кардани он сурудани ашъори суннатиро комилан аз байн набурд. Дар ин давра ҳарду сабки адаб\ баробар амал мекарданд.

**Ҷамолиддин Муҳаммад ибни Зайниддин Урфии Шерозӣ**

**Нақша:**

1.Урфии Шерозӣ намоёнтарин шоири давраи Сафавияи аҳди сонӣ.

2. Мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявии эҷодиёти Урф\

3.Ғазал дар эҷодиёти Урфии Шерозӣ

Урфии Шерозӣ намоёнтарин шоири давраи Сафавияи аҳди сонӣ буда, дар таърихи адабиёти халқҳои форсизабон бо мероси бой ва пурарзиш, ҳамчунин бо шеъваи тозаи гуфтори худ мавқеи баландеро ишғол намудааст.

Урфӣ соли 1556 дар шаҳри Шероз ба дунё меояд. Гузаштагони ӯ, аз он ҷумла бобояш Ҷамолиддин аз табақаи ҳунармандони шаҳр буда, бо касби чодарбоф\ таъмини маишат мекардааст. Урф\ аз хурдсол\ таҳти сарпарастии падараш ба омӯхтани илмҳои замона ба таври ҷидд\ машғул мешавад ва дар муддати кӯтоҳе дар ин бобат ба дастовардҳои калоне ноил мегардад.

Ӯ аз хурдсолӣ ба шеъру шоир\ майли бештар зоҳир намуда, баробари ҳифзи илмҳои дигар ба омӯхтани ашъори гузаштагон ва асосу қавоиди шеъру шоир\ низ ҷиддан машғул мегардад.

Урфии Шерозӣ ҳанӯз аз давраи ҷавонии худ дар мушоираю маҳфилҳои адаб\, ки дар коргоҳҳои косибию ҳунарманд\ баргузор мегардиданд, мунтаззам иштирок намуда, дониши адаб\ ва маҳорати шоирии худро сайқал медиҳад.

Мувофиқи нақли сарчашмаҳо Урфӣ ҳанӯз дар аёми ҷавонии худ ба дараҷаи шоири баркамол расида, дар муҳити адабии Шероз обрӯю эътибори баланде доштааст. Дар ин бора маълумоти тазкираи «Арафотулошиқин»-и Тақиуддини Авҳад\ ҷолиби диққат аст. Ӯ дар бораи вохӯрии худ бо Урф\ дар Шероз менависад: «Ман вақте ки ба Шероз рафтам, аз шуарои маъруф суроғ гирифтам, Ғайратиро нишон доданд. Дар шаҳр, яъне шаҳри Шероз дӯконе буд, ки шуаро дар он ҷо ҷамъ мешуданд. Орифи Лоҳиҷ\, Ҳусайни Кошии муаррих, Мир Абутуроб, Тақиёи Шуштории мулаққаб ба Муаррихон, Ризои Кош\ ва ғайра гирд омада мушоира мекарданд. Байни Урф\ ва Ғайрат\ рӯзе дар мушоара мубоҳиса даргирифт ва Урфӣ ду паҳлӯи мухолиф ва мувофиқи даъворо гирифта, дар ҳар ду бар Ғайрати ғолиб омад» (Ш.Нуъмон\. Шеърулаҷам, ч.3, Теҳрон, 1334ҳ, с.67). Маълумоти мазкур аз он гувоҳ\ медиҳад, ки Урф\

ҳанӯз дар цавон\ маҳорати баланди шоир\ касб намуда, ба қатори адибони намоёни Шерозӣ он аҳд дохил шуда будааст.

Урфии Шероз\, чунонки таъкид гардид, дар замоне умр ба сар мебурд, ки бозори шеъру шоири касод шуда ва шоирони Эрон молу матои худро ба кишварҳои ғайр мебурданд. Ӯ низ дар қатори шоирони дигари муосираш  тарки ватан намуда, озими Ҳиндустон мешавад. Дар сарзамини Ҳинд Урфиро хуш истиқбол менамоянд. Ӯ ба дарбори сулолаи Темуриёни Ҳинд, саҳеҳтараш ба дарбори император Акбар, ки ба илму маданият ва адабиёт дилбастагии том дошт ва дар боргоҳи худ олимону шоиронро цамъ намуда буд, кашида мешавад. Урф\ дар дарбори Акбаршоҳ таҳти сарпарастии олими бузурги дарбори шоҳи номбурда Ҳаким Абулфатҳи Гелон\ обрӯю нуфузи баланд пайдо мекунад ва ба иззату икром ноил мегардад.

Ӯ дар дарбори Акбаршоҳи Темур\ ба дараҷае эътибору нуфуз пайдо мекунад, ки худи император бо ӯ сӯҳбатҳои хосса меорост, дар ҳалли масъалаҳои давлат\ аз ӯ маслиҳатҳо мепурсид. Дастоварду муваффақиятҳои эцодии Урф\ ва эътибору манзалати ӯ дар назди шоҳ боиси ҳасаду фитнаи шоирони дигари дарбор шуда, табъи шоири пурмояро хира мекард. Дар ин бора Урф\ менависад:

Аҳли дунё ҳамаги тӯҳмату кибранду фасод,
Рахти худро ки аз ин варта мусаллам бардошт.
Ситами тӯҳмати чуҳҳол на бар мову ту рафт,
Юсуф инро мутаҳаммил шуду Марям бардошт.

Бо вуҷуди ин озурдахотириҳо Урф\ дар Ҳиндустон ҳамчун шоири бомаҳорат ва пурмоя шӯҳрати баланд ёфта, офаридаҳои ӯ дар хотири ҳамзамонон нақш баст.

Урфии Шероз\ соли 1591 дар синни 35 солаг\ дар Лоҳур чашм аз олам мепӯшад. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо турбати ӯ баъд аз 30 соли маргаш аз Лоҳур ба *Насаф* кӯчонида мешавад.

Урфии Шероз\ умри кӯтоҳ дида бошад ҳам, зиндагии ӯ пурмазмун гузашта ва мероси бое аз худ боқ\ гузоштааст. Таҳлилу баррасии асарҳои Урф\ гувоҳ\ медиҳад, ки шоир ҳам дар шеваи мутақадимон, яъне сабки хуросонию ироқ\ ва ҳам дар услуби нави адабии мусаммо ба «сабки ҳинд\» мумтоз буда, дар ҳар ду сабки нигориши шеъри форс\ доди суханвар\ додааст.

**Урфии Шерозӣ дар қасидапардоз** бештар татаббӯи Анварию Ҳоқон\ намуда, дар маснависаро\ Низомии Ганчавиро пайрав\ кардааст, ки маснавиёти «Мацмаъулабкор» ва «Фарҳоду Ширин»-и ӯ, ки назира ба ду маснавии аввали «Хамса»-и Низом\ мебошанд, аз он гувоҳ\ медиҳанд. Бо вуцуди соҳибмаҳорат\ дар қасида ва маснависаро\ Урф\ ғазалро аз анвои шеъри муҳимтар медониста ва дар ғазалсаро\ пайравии Саъдию Хусрави Деҳлав\ ва Ҳофиз намудааст.

Мавзӯъ ва мундаричаи ғоявии эчодиёти Урф\ пурдомана мебошад. Дар қасоиди шоир вобаста ба табиати жанрии ин навъи шеърӣ мавзӯи мадҳу ситоиши аҳли ҳукумат, хосса Акбаршоҳи Темур\ ва фатҳу кишваркушоиҳои ӯ мавқеи асос\ дошта, шоир ӯро ҳамчун ҳукмрони одил ва тимсоли қаҳрамонию далер\ ба тасвир овардааст:

Эй дили маънисириштат роздони офтоб,
То абад бар хони давлат меҳмони офтоб,,,
Давлати Цамшед ҳамдӯш\ кунад бо давлатат,
Гар тавонад соя будан ҳамъиноне офтоб.
Корвонсолори шоҳон офтоб омад, вале

Чун ту н-ояд Юсуфе дар корвони офтоб,,,

Гар ҳумои офтоб оромгаҳе медошт\,

Цои Акбаршоҳ буд\ ошёни офтоб.

Мадҳи хуршеду санои шаҳ кунад Урф\ мудом,

К-аз муридони шаҳ асту ошиқони офтоб.

Ғазалиёти шоир бештар ба мавзўи ишқу ошиқ\ бахшида шуда, дар доира ва зимни ин мавзўъ шоир афкори ицтимоию тарбияв\, муаммоҳои ҳалталаби замонашро баррас\ намудааст. Баъзе ғазалҳои шоир ба тадқиқу таҳлили масъалаҳои ахлоқию тарбияв\ ихтисос ёфтаанд. Аксари ғазалиёти шоир аз сарчашмаи тасаввуф об хўрда ва ғояҳои ин таълимоти пешқадамро ифодагар мебошад. Чунончи:

Ҳар ки ҳирсаш гом зад, комаш раво ҳаргиз нашуд,

Ҳар ки султони қаноат шуд, гадо ҳаргиз нашуд.

Дар муқаттаоту рубоиёти шоир андешаҳои фалсафию ахлоқӣ ва афкори ицтимоию шарҳиҳолии шоир инъикос ёфтааст. Аз цумла дар қитъаи зерин рўҳияи маҳзунона ва назари шикваомези ў ба воқеияти замонаш хеле возеҳ гардида шудааст:

Чи гўямат, ки наярзад ба гуфтугў, Урф\,

Зи аҳли мозию ҳол он ч\ даргузар дидам?!

Зи айши беғамии аҳли хеш боз мапурс,

Ки айш аз сухани ёр талхтар дидам.

Зи дарди ноқиси ин аҳд ҳам савол макун,

Ки сад маломат аз ин дарди беасар дидам.

Зи сўзу мотами ин рўзгор дилгирам,

Ки ханда бенамаку гиря беасар дидам.

Дар рубоии зерин бошад, назари фалсафии ў ба ҳаёти воқе\ ифода ёфтааст:

Нодон ба иморати бадан машғул аст,
Доно ба карашмаи сухан машғул аст,
Сўф\ ба фиреби марду зан машғул аст,
Ошиқ ба ҳалоки хештан машғул аст.

Бояд тазаккур намуд, ки бо вуцуди дар дарбори подшоҳони замон эцод кардан, соҳиби обрўю эътибор ва шўҳрати баланд будани Урфӣ дар ашъори ў оҳангҳои яъсу навмед\ ва шикво\ баланд садо медиҳад.

Урфии Шерозӣ дар замоне зиндагони мекард, ки дар адабиёти он аҳд вобаста бо гардишҳои ицтимоию сиёсӣ дигаргунии услуб\ низ ба амал омада буд. Дигаргуниҳои услубии адабиёти он аҳд, беш аз ҳама, дар эцодиёти Урфии Шероз\ зоҳир шудааст. Ў аз саромадон ва интишордиҳандагони услуби цадиди адабие мебошад, ки баъдҳо бо номи сабки ҳинд\ машҳур шудааст. Урф\ цавони дар муҳити пайравони сабки ҷадид тарбия ёфта, сабки нави адабиро пазируфта ва дар татаббўи Бобо Фиғон\, ки аз аввалин гўяндагони шеъри тарз ҳисоб меёфт, шеърҳо эҷод менамуд. Ў мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо бо шоири намоёни пайрави сабки ҷадид Ваҳшии Бофақ\ пайванди дўстӣ дошта, дар мукотибаи доим\ будааст. Услуби нигориши Урф\ дар ҳамин муҳити пайравони сабки ҷадид ташаккул меёбад. Аммо шоир чун баъзе шоирони сабки нави адаб\ ба шеваи тозаи шеъри форсӣ ба ҳаври муқаллидона пайравӣ накардааст. Ў ин сабки нави адабиро хеле хуб омўхта, ба он муносибати эҷодкорона зоҳир намуда ва ба воситаи эҷодиёти худ онро тақмилу тавсия бахшидааст. Бинобар ин муҳаққиқон Урфиро дар радифи шоироне зикр менамоянд, ки имкониятҳои сабки нави адабиро дуруст истифода намуда онро вусъат додаанд.

Чунон ки таъкид гардид, дар ҳаёти иҷтимоии аҳди Сафавия рӯҳониён ва уламои дин, махсусан фақеҳон ба мақому мартабаи баланд соҳиб мегарданд. Намояндагони ин табақаи иҷтимо\ аз аҳли ҳукумат пуштибон\ медиданд ва дар фаъолияти худ ғояҳои мазҳаби давлатиро тарғибу ташвиқ менамуданд. Рӯҳониёну уламо ба ғайр аз тадқиқоту гузоришоти илм\ ба эҷоди баде\ низ машғул мешуданд ва аз байни онҳо шоирони боистеъдод ва баркамоле тарбия ёфтанд, ки эҷодиёти онҳо хусусияти асосии адабиёти даврро муайян менамояд. Дар байни уламои шоири аҳди Сафавия **Фаёзи Лоҳиҷӣ** мавқеи намоён дорад.

**Тарцимаи ҳол ва эцодиёти Фаёзи Лоҳиҷӣ**

1.Замон ва рӯзгори шоир

2.Мероси шоир

3.Хусусиятҳои ба худ хоси эҷодиёти шоир

Номи пурраи шоир Абдураззоқ бинни Алӣ бинни Ҳусайн буда, Фаёз тахаллуси адабии ӯ мебошад. Фаёзи Лоҳиҷ\ дар даҳсолаҳои аввали асри XVI (солҳои охирини асри X-и ҳиҷр\) дар ноҳияи Лоҳиҷони Эрон ба дунё меояд. Аёми бачаг\ ва таҳсили ибтидои ӯ дар зодгоҳаш мегузарад. Баъд аз хатми таҳсили ибтидои ӯ барои идомаи донишандӯз\ зодгоҳи худро тарк намуда, ба шаҳри Қум ҳиҷрат менамояд. Фаёз дар шаҳри Қум дар назди ҳаким ва фақеҳи намоёни он давра Садриддини Шерозии маъруф ба Муллосударо (с.в. 1050-1640) ба омӯхтани илмҳои ҳикмат ва фиқҳ мепардозад. Вай дар муддати кӯтоҳ асосҳои илмҳои номбурдаро аз худ намуда,

дар назди устодаш эътибор ва наздикӣ пайдо мекунад. Қаробати онҳо ба дараҷае мерасад, ки устодаш Садриддини Шерозӣ ӯро ба домодӣ қабул менамояд. Наздикиву қаробати Фаёзро бо Садриддини Шерозӣ маводи девони шоир низ собит менамояд. Дар девони шоир чанд қасидае дар мадҳи Муллосударо мавҷуд аст, ки дар онҳо Садриддини Шерозӣ ҳамчун шахси донишманди ҳамадон мадҳу ситоиш ёфтааст.

Фаёз дар Қум ба таҳқиқи муаммоҳои улуми мухталиф, хосса ҳикмат, калом ва ирфон ба таври ҷиддӣ машғул шуда, ҳамчун олими донишманд маъруф мегардад. Вай дар илмҳои номбурда чанд рисола низ тасниф намудааст, ки машҳуртарини онҳо «Гавҳани мурод» (дар калом), «Таворихулилҳом» (дар шарҳи «Тадриҷулкалом»-и Насриддини Тӯсӣ), «Сармояи имон», «Ал-калимотултайиба» (дар ҳикмат) ва ғайраҳо ҳисоб меёбанд.

Фаёз то охири умр дар Қум ба фарогирии илм ва пажӯҳишу таҳқиқ машғул шуда, ниҳоят  дар соли 1661 (1072 ҳ)  аз олам чашм мепӯшад ва марқади ӯ дар ҳамин шаҳр воқеъаст.

Шӯҳрату эътибори Фаёзи Лоҳиҷӣ бештар ба мероси адабии ӯ алоқаманд аст. Аз ӯ девоне боқӣ мондааст, ки аз қасоиду ғазалиёт, қитъа, рубоӣ, таркиббанд, тарҷебанд ва маснавӣ таркиб ёфтааст. Комилтарин нусхаҳои девони шоир шомили даҳ ҳазор байт аст. Фаёз дар сурудани қасида, қитъа ғазал ва рубоӣ мартабаи устодӣ доштааст. Бо вуҷуди ин истеъдоди шоирии ӯ бештар дар ғазалсароӣ зоҳир шудааст.

Қаламрави мавзӯъ ва мундариҷаи осори шоир пурдомона аст. Дар ашъори шоир мавзӯи ишқу ошиқӣ мавқеи муҳим дорад. Дар ашъори ошиқонаи шоир чун дар осори ишқии анъанавӣ ҳусну ҷамоли маъшуқаи идеалӣ (хаёлӣ) васфу ситоиш карда мешавад.

Тасвири ҳусни зебои маъшуқа дар лирикаи шоир бо усули анъанавӣ, яъне ба воситаи васфу ситоиши узвҳои ҷудогонаи маъшуқа суръат гирифтааст. Аз он ҷумла, дар байтҳои зерини яке аз ғазалҳои шоир васфи ҳусну ҷамоли маъшуқ ба воситаи тасвири узвҳои ҷудогонаи ӯ: зулф, қомат, чашм, мижгон анҷом ёфтааст:

Зулф бинмудиву қадри турраи шамшод рафт,
Чилва кардӣ, эътибори сарв ҳам барбод рафт.
Боз чашми маст омад бар сари тамҳиди ноз,
Тири мижгони ту дигар бар сари бедод рафт. (22, 75)

Дар як қатор ғазалҳои шоир масъалаи ранҷу азоби ишқ гузориш ёфтааст. Дар ин гурӯҳ ғазалҳои шоир қаҳрамони лирикӣ аз дарду доғи ишқ ба нола меояд, аз азияти зиёди сӯзу гудози ишқ бисёр ба танг меояд ва ба таври муассир шиква мекунад:

Гар ниҳон созам аз ғами ишқат, чӣ созам ноларо?
Таб агар пӯшида монад, чун кунам табхоларо?
Шаб, ки шеванпечу тобам дар қафас афканда буд,
Аз хароши сина кардам шона зулфи ноларо. (22, 40)

Дар баъзе ғазалҳои шоир оҳанги шикоят аз нобаробариҳои иҷтимоӣ, ноҳамвории вазъи замона, афзунии ҷабру зулм, беқадрии сухан ва суханвар баланд садо медиҳад:

Кам гир ба ҳар ҳодиса ақли кафилро,
Бастан ба мушти хас натавон руди Нилро.
Чашми умед доштан аз аҳли рӯзгор,
Бошад табиби дард намудан алилро...
Қадри сухан агар нашиносад касе чӣ ғам,
Қимат бас аст ҷавоҳири зотии асилро. (22, 31-32)

Лирикаи Фаёзи Лоҳиҷӣ аз лиҳози сабку услуб низ ғолиб аст. Фаёз ҳамчун дигар муосирони худ аз сабки ҳиндӣ пайравӣ

кардааст. Дар ашъори лирикии шоир, махсусан дар ғазалиёти ӯ образу ифодаҳои тозаи шеърӣ бисёр дучор меояд. Шоир мутобиқи талаби сабки адабиёти давр ба маъничӯӣ пардохта, як силсила образҳои шеърии тозае офаридааст, ки мисли онро дар ашъори шуарои дигар дучор намеоем. Аз ҷумла, ифодаҳои шоиронаи «аз худ рафтани сухан», «об шудани табассум» дар байти зерини яке аз ғазалҳои шоир гувоҳи навҷӯиҳои шоир дар маъниофарӣ аст:

Сухан аз худ равад чун гирди сар гардад забонашро,

Табассум об мегардад чу мебӯсад лабонашро.

Бо вуҷуди дар сабки ҳиндӣ навишта шудани ашъори лирикии шоир дар офаридаҳои ӯ муаммопардозиҳои мазмунӣ ва печидагии маънавиро мушоҳида намекунем.

Хусусиятҳои асосии адабиёти ин аҳдро дар мисоли эҷодиёти Вахшии Бофақӣ низ мушоҳида намудан мумкин аст.

тттттттттттттттттттттттоооооооооооооооооооооооооооооооо

## Вахшии Бофакй

Камолиддин Вахшии Бофакй аз шоирони машҳури асри ХУ1 Эрон ҳисоб ёфта, дар соли 1532 милодй дар мавзеи Бофак, ки дар 24-фарсангии шаҳри Язд қарор дорад, таваллуд ёфтааст. Бино ба қаробати Бофак бар шаҳри Кирмон бархе муҳаққиқон шоирро ба Вахшии Бофақии Кирмонй мулаққаб кардаанд. Вахшй баъд аз хатми мактаби ибтидоӣ дар зодгоҳ барои идомаи таҳсил ба Язд сафар мекунад ва дар ин шаҳр сокин мегардад. Шоир дар Язд аз ҳокими ин шаҳр Ғиёсиддин Муҳаммад ғамхорй ва пуштибонй мебинад ва тахти ҳимояту сарпарастии ӯ ба фаъолияти эҷодиву меҳнатй машғул мегардад.

Маводи девони шоир гувоҳӣ медиҳад, ки шоир ба даргоҳи ҳокимони шаҳри Язд алоқамандӣ доштааст ва ба фармонфармоёни ин шаҳр қасидаҳо бахшидааст.

Муҳамтарин хислати шахсии Вахшӣ ҳамчун эҷодкор, чунонки муҳаққиқони эҷодиёти шоир, аз он ҷумла Аҳмади Ранчбар таъкид менамоянд, фурӯтанӣ ва андешамандӣ мебошад. Ӯ бар хилофи расму одати соири шуаро ба худситой напардохтааст ва даъвои ҳамрадифӣ ба шоирони бузург накардааст. Ин хислати шахсии шоир дар эҷоди бадеии ӯ нақши худро гузоштааст. Аксари шеърҳои шоир ба мавзӯъҳои панду ахлоқ бахшида шуда, дар онҳо тавозӯъ, фурӯтанӣ ва соири хӯи писандида тарғибу ташвиқ гардидааст. Шоир дар соли 1584 дар синни 52-солагӣ вафот кардааст.

Вахшӣ шоири лирик аст. мероси адабии ӯ аз қасоиду ғазалиёт, муқаттаот, рубоиёт, тарчеъбанду таркиббанд иборат аст. Қасоиди шоир дар муқоиса бо қасоиди шоирони пешин чандон арзишманд нест, вале дар ғазалсарой шоир мақоми устодӣ дорад. Ғазалиёти Ваҳшӣ бисёр латиф ва зебо буда, аз сарчашмаи сӯзу гудози ошиқона об мехӯрад. Дар маркази  ашъори ошиқонаи шоир симои маъшуқаи дар ҳусну ҷамол беҳамто, аммо золиму чобир, пурнозу серкарашма ва бевафою бадаҳд қарор дорад. Маъшуқае, ки шоир тасвир менамояд, нисбати ошиқи худ беътиноӣю бепарво аст ва ҳамнафасию ҳамдӯширо бо ағёр шеваи рафтор қарор додааст. Қаҳрамони лирикӣ аз ин гуна рафтори маъшуқа изҳори норизой менамояд:

Ҳамраҳӣ бо ғайру аз ман эҳтироз аз баҳри чист?
Худ чӣ кардам бо ту чандин хашму ноз аз баҳри чист?
Боз бо ман ҳар замонаш хашму нози дигар аст,
Хашму нози ӯ намедонам, ки боз аз баҳри чист? (21, 21)

Шоир ишқи серизтироб ва пурсӯзи маъшуқаи бемеҳру вафоро «доми сад бало» меномад ва сабаби гирифтории худро чунин тасвир менамояд:

Ман он мурғам, ки афкандам ба доми сад бало худро,
Ба як парвози беҳангом кардам мубтало худро.
На дасте доштам бар сар на пое доштам дар гил,
Ба дасти хеш кардам инчунин бе дасту по худро.(21, 18)

Ишқи ноком ва азобу шиканчаҳои он қаҳрамони лирикии ғазалиёти шоирро ба танг меорад  ва роҳи начотро аз яъсу навмедӣ дар харобот мебинад:

Бода к-ӯ то хиради  ин даъвии бе чо бибарад
Бехудӣ ояду нанги худӣ аз мо бибарад.
Хуш биҳиште аст харобот касе, к-он бигзошт,
Дӯзахи ҳасрати човид зи дунё бибарад. (21, 24)

Ба ин тариқа, ғазалиёти

Вахшии Бофақӣ дар сурудани тарчеъбанд низ мартабаи устодӣ дорад. Дар таърихи адабиёт шӯҳрати шоир бештар ба тарчеъ бандҳои ӯ алоқаманд аст.

Маҳорату истеъдод ва навпардозиҳои шоир дар сурудани ғазалҳо ва таркиббандҳои ошиқона зоҳир шудааст. Маҳз дар ғазалу таркибандҳои ӯ навпардозиву тозагӣ аз ҷиҳати сабку маънӣ дида мешавад.

Яке аз мавзӯҳои асосии эҷодиёти шоир ишқ ва сӯзу гудози беинтиҳои он аст. Ваҳшӣ ҳодисаи ба ин дарди бедаво гирифтор шудани худро дар таркиббанде ба унвони «Шарҳи парешонӣ» хеле муассиру чазо тасвир намудааст. Шоир дар таърихи адабиёти Эрон

ба воситаи ҳамин таркиббанди худ шӯҳрату овозаи беандоза пайдо намудааст.

## Ҳаёти адаб\ дар давраи Сафавияи аҳди сонӣ.

Дар охирҳои асри ХУ1 ва ибтидои асри ХУП, бо оғози салтанати шоҳ Аббоси аввал (1587-1629) дар ҳаёти сиёсию ичтимоии Эрон дигаргуниҳои чиддӣ ба амал меояд. Подшоҳи мазкур ашрофони маҳалли (эрон\)-ро на аз рӯи мансубияти қавмӣ, балки аз рӯи садоқат ба шоҳ (ҳукумат) муттаҳид намуда, як қатор ислоҳоти иқтисодӣ, аз чумла дар соҳаи андози давлатӣ мегузаронад ва барои пешрафти иқтисодии кишвар шароити мусоиде фароҳам меорад. Шоҳ Аббос бо вучуди ба қавми турк мансуб будани худ дар сиёсати давлатӣ ба ашрофони маҳаллии эрон\ такя намуда, бар хилофи Шайбониён манфиати мардуми маҳаллиро эҳтиром менамояд ва барои инкишофу пешрафти забону адабиёти форсӣ имконияту шароити мусоиде ба вучуд меорад. Шоҳ Аббос давлати мутамарказу пуриқтидоре бунёд намуда, тартибу низоми сохтори давлатиро таҳким мебахшад ва дар кишвар вазъи орому мӯътадиле ба вучуд меояд. Чунин вазъият барои пешрафту тараққии илму маданият, аз чумла адабиёт боис мегардад.

Шоҳ Аббоси аввал ва подшоҳони минбаъдаи ин сулола бар хилофи салафони худ дар муносибат ба адабиёт роҳи дигарро пеш гирифтанд. Онҳо ба сиёсати маданию адабии Бобуриёни Ҳинд бо дидаи ибрат нигариста, муносибати худро ба адабиёт дар ҳамин

замина бунёд гузоштанд. Аз давраи салтанати шоҳ Аббос сар карда муносибат ба шеъру шоирӣ ба андозае дигаргун мешавад. Адибону эҷодкорон оҳиста-оҳиста ба дарбор ҷалб гардида, мавриди таваҷҷӯҳу эҳтиром ва ғамхории аҳли ҳукумат қарор мегиранд. Дар ин давра дар дарбори шоҳон муҳити муносибе барои нашъунамои адабиёт ба вуҷуд меояд. Шоироне, ки дар натиҷаи беэътиноии Сафавиёни аҳди аввал ба адабиёт ва касодии бозори шеъру шоирӣ муҳоҷират карда буданд, ба ватани худ бармегарданд.

Омили дигари пешрафти илму адаб дар ин давра дар ҳаёти ҷамъиятии шаҳрҳо эътибору нуфуз пайдо кардани адибону шоирон буданд. Дар ин давра дар муҳити шаҳру доираҳои аҳли ҳунар шоирони соҳибзавқу муқтадир ба воя расида, дар байни мардум ба обрӯю эътибори баланд соҳиб шуда буданд. Онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ эътибору нақши калон доштанд ва таваҷҷӯҳу эҳтиром ба онҳо бисёр мушкилоти дастгоҳи ҳукуматро осон менамуд.

`Ба ин тариқа, дар Эрони асри ХУП бар асари дигаргуниҳои вазъи сиёсию ҷамъиятии кишвар, ҳамчунин дар натиҷаи бо дидаи ибрат нигаристани подшоҳони Сафавии аҳди сонӣ ба сиёсати маданию адабии Бобуриёни Ҳинд дар ҳаёти адаб\ як ҷунбише ба вуҷуд омада, барои пешрафту тараққии адабиёт шароити нисбатан мусоиде фароҳам омад. Дар ин давра қувваҳои адаб\ дар заминаи ба камол расидани шоирони соҳибзавқ ва боиқтидори муҳити шаҳру доираҳои ҳунармандӣ ва бозгашти эҷодкорони ҳиҷраткарда иқтидор пайдо намуда, чароғи адабиёт дар Эрон фурӯзонтар шуд.

Мазмуну мундариҷаи осори адаб\ гувоҳй медиҳад, ки бар асари дигаргуниҳои вазъи сиёсию ҷамъиятии кишвар ва сиёсати маданию адабии Сафавиёни аҳди сонӣ ҳамзамон бо адабиёти шаҳру доираҳои ҳунармандӣ назми мадеҳавй рӯ ба тараққй мениҳад,

барои ифодаи афкори тасаввуфӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меояд, ин навъи назм инкишофу вусъат пайдо мекунад. Аксари шоирони ин аҳд ба мавзӯъҳои ирфонию тасаввуфӣ муроҷиат намуда, муносибати худро нисбати ин таълимоти пешқадами он давра баён кардаанд.

Муҳимтарин ҳодисаи ҳаёти адабии давраи мавриди назар такмилу вусъати услуби нави адаб\ ва ба дараҷаи баланди тараққиёт расидани он аст. Дар ин давра сабки ба ном ҳиндӣ хеле интишор ёфта, ба услуби нигориши аксари шоирон табдил меёбад. Дар интишору такомули ин сабки нигориш саҳми шоирони намоёни ин аҳд, монанди Соиби Табрезӣ ва Нозими Ҳиротӣ ниҳоят бузург аст. Хизмати Соиб дар ин бобат қобили қайд мебошад, зеро дар эҷодиёти шоир имконияту имтиёзоти услуби нави адаб\ ба таври хеле аёнӣ зуҳур намудааст.

Алоқамандона бо ривоҷи афкори сӯфиёна дар адабиёти ин давра баррасии масоили ахлоқӣ мавқеъ пайдо намуда, муаммоҳои ахлоқӣ мавриди гуфтугузори аҳли илму адаб қарор мегирад. Баррасии чунин масъалаҳоро дар эҷоди бадеии олими намоёни ин давра Шайх Баҳой (Баҳоуддин Муҳаммади Омулӣ) мушоҳида намудан мумкин аст. Ин мутафаккири адабдӯст, ки сабки мутақадимонро шеваи гуфтори худ қарор дода буд, ҳам дар ашъори лирикӣ ва ҳам дар маснавиёти «Нону ҳалво», «Ширу шакар». «Тӯтинома» ва «Мушу гурба» («Панди аҳли донишу ҳуш, ба забони гурбаву муш») масоили ахлоқиро аз мавқеи таълимоти тасаввуф аз назари тадқиқи бадеӣ гузаронидааст. Масъалаҳои ахлоқию тасаввуфӣ дар эҷодиёти симоҳои намоёни адабиёти ин давра Соиби Табрезӣ ва Нозими Ҳиротӣ низ мавқеи калон дорад қисмати умдаи осори онҳо ба ин мавзӯъ бахшида шудаанд. Дар ҳаёти адабии Эрону Хуросони асри

ХУП ва ибтидои асри ХУШ низ саҳми адабиёти шаҳру доираҳои ҳунармандӣ хеле бузург аст. Дар ин аҳд ривоҷу равнаке, ки ин ҷараёни адаб\ дар асри ХУ1 дошт, идома меёбад ва аз муҳити шаҳру доираҳои аҳли ҳунар шоирони муқтадире ба камол мерасанд, ки самтҳои инкишофи адабиётро аз тадқиқи эҷодиёти онҳо муайян намудан мумкин аст.

Вобаста ба тағйироти ҳаёти адаб\ дар системаи жанрии адабиёти ин давра низ дигаргуниҳо ба вуҷуд омад. Эҳёи нисбии назми мадеҳавй дар ин давра боиси мавқеъ пайдо намудани жанри қасида гардида бошад, қувват ёфтани адабиёти тасаввуфй маснависароиро ривоҷу равнақ бахшид. Дастовардҳои адабиёти шаҳру доираҳои ҳунармандӣ дар жанрҳои ғазал ва шаҳрошўб таҷассум ёфтааст. Дар ин давра намунаҳои тозаи жанри махсуси адабиёти шаҳр – шаҳрошўб аз ҷониби Доварии Арронй, Фағфури Лоҳиҷй, Шифоии Исфаҳонй, Тақиуддини Авҳадй, Файзии Кошонй, Ваҳиди Қазвинй, Ашрафи Мозандаронй ва ғайраҳо таълиф гардидааст.

Ба ин тариқа, адабиёти давраи Сафавияи аҳди сонӣ давоми бевоситаи адабиёти асри ХУ1 буда, бо ривоҷу равнақи адабиёти шаҳру доираҳои ҳунармандӣ характернок мебошад. Дар ҳаёти адабии ин аҳд баъзе анъанаҳои назми мадеҳавй ва адабиёти тасаввуфй эҳё мегардад, сабки нави адаб\ ба дараҷаи баланди тараққиёти худ мерасад, қувваҳои адаб\ муттаҳид мегарданд ва ба инкишофи адабиёт заминаи мусоиде фароҳам меояд.

Намоёнтарин шоири давраи Сафавияи аҳди сонӣ **Соиби Табрез** ба шумор меравад.

Таҳ.

**Ҳаёт ва эцодиёти Соиби Табрез**

Соиб шоири бомаҳорат ва пурмаҳсул буда, на танҳо дар инкишофу пешрафти адабиёти Эрон, балки дар ривоҷу равнақи адабиёти форсизабони Ҳинду Афғонистон ва Мовароуннаҳр низ хизмати босазоеро анҷом додааст. Дар таърихи адабиёт Соиб, пеш аз ҳама, ба сифати шоири навовару ҳунарманде шинохта мешавад, ки шеваи тозаи шеъри форсиро дар заминаи анъанаю суннатҳои адабии гузаштагон такмил додааст, имконниятҳои васеи сабки нави адабиро фаро гирифтааст, таҳаввуле дар услуби нигориши шеъри форсӣ ба вуҷуд овардааст.

Соиб дар ибтидои асри ХУП соли 1603 мелодӣ дар шаҳри Исфаҳон дар оилаи тоҷир таваллуд шудааст. Гузаштагони ӯ аз шаҳри Табрез буданд ва аз ин ҷиҳат нисбаи Табрезиро интихоб намудааст. Ӯ дар зодгоҳи худ таҳсили ибтидоӣ ва даврони илму донишандӯзиро ба поён мерасонад. Соиб аз давраҳои аввали таҳсил ба шеъру шоирӣ ва санъати хаттотӣ майлу рағбати бештар зоҳир менамояд. Бинобар ин ба мутолиаву тадқиқи осори устодони пешин ва дастовардҳои адибони муосираш ба таври ҷиддӣ машғул шуда, нозукиҳои эҷоди бадеиро ҳифз менамояд. Дар айни замон ӯ аз амакаш Шамсиддини Табрезӣ, ки дар таърихи адаби форсӣ бо номи Шамси Сонӣ машҳур аст, санъати хаттотиро меомӯзад. Соиб ҳам шеъру шоирӣ ва ҳам ҳунари хаттотиро дар ҳадди камол аз худ менамояд.

Толибилми ҷавон баробари мутолиаву таҳқиқи осори устодони гузашта ба китобати онҳо низ машғул мешавад. Баъзе асарҳое, ки Соиб китобат намудааст, монанди «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ, «Куллиёт»-и Шамси Табрезӣ ва монанди инҳо  то ҳол дар китобхонаҳои ҷаҳон маҳфузанд.

Соиб дар давоми таҳсилоти худ пайваста бо омӯзиши илму ҳунар дар маҳфилҳои адабию мушоираҳо иштирок менамуд, бо аҳли шеъру адаб ошно мегардид ва аз сӯҳбати онҳо такмили донишу маҳорат мекард.

Соиб баъд аз хатми таҳсил дар ҷавонӣ ба зиёрати Маккаву Мадина, ба ҳаҷ меравад. Ин сафар доираи донишу ҷаҳонбинӣ ва таҷрибаи зиндагии ӯро вусъат медиҳад. Баъди бозгашт ӯ дар ватан қарор наёфта, озими Ҳиндустон мешавад ва муддате дар ин кишвар зиндагонӣ мекунад. Дар кишвари Ҳинд ӯро хуш истиқбол менамоянд ва маҳорати суханварии ӯро тақдир мекунанд, ки дар ин бора худи шоир мегӯяд:

Пеш аз ин ҳарчанд шӯҳрат дошт дар мулки Ироқ,
Сайри мулки Ҳинд Соибро баландовоза кард.

Бо вуҷуди ин зиндагии Соиб дар Ҳиндустон дер давом намекунад ва дере нагузашта шавқи бозгашт ба ватан ва диёри маҳбуб ӯро ба тарки хоки Ҳинд маҷбур месозад. Дар бозгашт Соиб муддате дар Кобул умр ба сар мебарад. Дар осори шоир иқомати ӯ дар Кобул низ ҳамчун хотираҳои неку фараҳбахш зикр шудааст. Ба ин тариқа, сафари ҳаштсолаи Соиб ба Ҳиндустон анҷом меёбад. Фаъолияти минбаъдаи шоир асосан дар Исфаҳон мегузарад.

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо ва гузоришоти илмии муҳаққиқон шоир ба Қум, Қазвин, Ардабил, Язд, Табрез ва дигар шаҳрҳои Эрон низ сафарҳо карда, бо аҳли илму адаби он шаҳрҳо ошноӣ пайдо карда будааст.

Соиб дар Эрон ва кишварҳои ҳамҷавор шӯҳрати баланд дошт. Бинобар ин ӯ ба дарбори шоҳ Аббоси Сонӣ кашида шуда, мартабаи маликушшуароӣ меёбад.

Соиб соли 1677 дар Исфаҳон аз олам чашм мепӯшад ва қабри ӯ дар он ҷо воқеъ аст.

**Соиб шоири пурмаҳсул** буда, дар сарчашмаҳо теъдоди абёти ӯ аз 30 то 80 ҳазор байт зикр мешавад. Мероси адабии шоирро асосан қасида, ғазал, рубоӣ, қитъа ва жанрҳои дигари лирикӣ ташкил менамоянд. Ба ӯ ду маснавӣ «Қандаҳорнома» ва «Маҳмуду Аёз» низ нисбат дода мешавад. Соиб шоири лирики ғазалсаро аст. Эҷодиёти ӯ аз ҷиҳати мавзӯъ ва мазмуну мундариҷа пурдомана буда, масъалаю муаммоҳои муҳими замони зиндагии ӯро фаро гирифтааст.

## АДАБИЁТИ ЭРОН ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ ХУШ

**Нақша:**

1. **(Наҳзати «бозгашти адаб\»)**
2. **Мактаби адабии Исфаҳони** ин давра

Аз ибтидои асри ХУIII сар карда зиддиятҳои дохил\ империяи Сафавиёнро рӯ ба таназзул овард. Ҷангҳои байниҳамдигарии феодалон иқтидори давлати мутамарказро суст гардонид. Дар айни замон халқи меҳнаткаш низ аз ҷабру зулми беандозаи феодалон ба шӯр меояд. Вазъияти сиёсию цамъият\ дар кишвар ниҳоят ноором мешавад. Ниҳояти ин зиддиятҳо дар шӯриши афғон ҷамъбаст мешавад. Афғонҳои шӯришгар ба муқобили давлати Сафавия бархоста, бунёди ҳукмронии онҳоро хароб карда, мамлакатро талаву тороҷ намуданд.

Соли 1730 сарвари яке аз сулолаҳои маҳалл\ Нодиршоҳи Афшор ба майдони сиёсат баромада, шӯришгарони афғонро шикаст медиҳад ва барои муттаҳид намудани мамлакат як қатор чораҳо

меандешад. Ў соли 1736 охирин намояндаи сулолаи Сафавияро шикаст дода, худро ҳукмрони ягонаи Эрон эълон менамояд.

Истило ва шўриши Афғон ба маданияту адабиёти Эрон талафоти бузург овард. Дар натиҷаи он ёдгориҳои мадан\ хароб ва қувваҳои адаб\ пароканда шуданд. Дар давраи ҳукмрони Нодиршоҳ (то 1747) низ ҳаёту маданию адаб\ ба низом надаромад. Худи Нодиршоҳ нисбати маданияту адабиёт шахси беэътиное буд. Дар дарбори ў ҳамагӣ як шоир Фиғонии Астаробод\ фаъолият дошт ва ў ҳам масъули як қатор корҳои давлат\ буд. Бо вуҷуди он дар адабиёти ин давра як қатор қасидаҳое дучор меоянд, ки дар онҳо корномаҳои Нодиршоҳ васфу ситоиш карда мешавад. Қасида дар ин давра ба вазифаи аслии хеш мадҳи шоҳону ҳукуматдорон бозмегардад.

Вазъияти сиёсию ҷамъиятӣ дар давраи Каримхони Занд (1760-1779) каме, мўътадил гардида, иқтисодиёт рў ба тараққ\ меорад, кишоварзию деҳқон\ дар деҳот ва ҳунарманд\ дар шаҳрҳо ривоҷу равнақ мeёбад. Аммо Каримхони Занд низ чун Нодиршоҳ ба корҳои маданиву адаб\ чандон эътибор намедиҳад.

Дар аксари марказҳои адабии Эрони нимаи дуюми асри ХУШ бар асари шўриши афғон ва ноҳамвории вазъияти сиёс\ таназзули адабиёт ва пастравии тафаккури бадеиро мушоҳида мекунем. Дар ин давра танҳо дар Исфаҳон, ки аз шўриши афғон ва ғоратгарию хунрезиҳои он эмин монда буд, чароғи адабиёт фурўзон буд.

**Дар мактаби адабии Исфаҳони** ин давра гурўҳи шоироне ба майдони адабиёт қадам ниҳоданд, ки шеваи шуарои қадимро татаббўъ мекарданд. Онҳо дар анцуманҳои адабии ин шаҳри адабпарвар мавқеъ пайдо намуда, барои эҳёи анъанаю суннатҳои адаб\ кўшиши зиёд харц кардаанд. Дар натицаи саъю ҳаракати онҳо

дар маркази адабии номбурда бозгашт ба сабки хуросон\ ва то ҳудуде ба сабки ироқ\ мавриди қабули аксари эҷодкорон гардид. Дар ин маркази адаб\ мақоми шоир аз рӯи он меъёр муайян мегардад, ки ашъори ӯ чи андоза аз ҷиҳати шаклу мазмун бо шеваи гуфтори гузаштагон наздик аст.

Оғозкунандагони ин ҷараёни адаб\ дар нимаи дуюми асри ХУШ Озор Бегдил\ (муаллифи тазкираи «Оташкада»), Сайид Муҳаммади Саҳоб, Ошиқи Исфаҳон\, Нишоти Исфаҳон\, Маликушшуаро Фатҳалихони Сабо ва дигарон буданд. Ин ҷараён дар даврони баъд\ вусъат меёбад ва аз ҷониби Қоонии Шероз\, Фуруғии Бастом\, Фатҳуллохони Шайбон\, Яғмои Ҷандақ\ ва дигарон дастгир\ ва иштишор дода мешавад. Ин ҳодисаи ҳаёти адабиро бо истилоҳи «бозгашт» дар таърихи адабиёти Эрон номгузор\ намудаанд.

«Бозгашти адаб\» дар Эрон аксуламале ба шеваи вуқӯъгӯии адабиёти шаҳру доираҳои ҳунарманд\ ва услуби душворфаҳми сабки ба истилоҳ ҳинд\ буд. Бозгашти адаб\ қаламрави таъсиру нуфузи сабки ҳиндиро маҳдуд намуда, барои эҳёи шеъри суннат\ шароиту имконоти васеъ ба вуҷуд овард.

Дар ин давра адабиёти Эрон аз адабиёти Афғонистону Ҳиндустон ҷудо шуда, роҳи мустақилонаи тараққиётро пеш мегирад. Дар Афғонистону Ҳиндустон анъанаҳои сабки ҳинд\ идома меёбад.

Мақсаду моҳияти наҳзати «бозгашти адаб\» раҳо кардани адабиёт аз тафаккури кӯчаву бозор\ ва тоза кардани забони шеър аз ифодаҳои авомонаю пуролоиш, ба ибораи дигар сатҳи маънавию забонии шеърро ба дараҷаи балантаре бардоштан буд.

## АҲВОЛИ СИЁСИЮ ИҶТИМОМӢ ВА МАДАНИЮ АДАБИИ ЭРОН ДАР АСРИ Х1Х

Аз охирҳои асри ХУШ сар карда давлатҳои сармоядории аврупой ба мақсади соҳиб шудан ба манбаъҳои ашёи хом ва вусъат додани бозори фурӯши маҳсулоти саноатии худ барои истило ва мутеъ гардонидани кишварҳои Шарқи мусулмонӣ, ки аксар мамлакатҳои қафомондаи аграрӣ буданд, саъю кӯшиши зиёд ба харч додаанд ва ба дастовардҳои назаррас ноил гардиданд. Дар охири асри ХУШ ва ибтидои асри Х1Х чунин амал нисбати Эрон ба вуҷуд омад. Аввалин давлате, ки ба Эрон алоқаҳои дипломатию тичоратии худро таҳким дода буд, Россияи подшоҳӣ ҳисоб меёбад. Дар ибтидои асри Х1Х дар Эрон ин ҷараён қувват гирифта, таъсири Россия дар ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодии Эрон бештар эҳсос мегардид. Дар ин давра муносибати Эрон бо Афғонистон низ хеле хуб буд ва Афғонистон аз аввалин давлатҳое буд, ки давлати Қочорҳоро ба расмият шинохт. Дар давраи мавриди баҳс давлати Эрон бо ҳукумати мамлакатҳои Англия, Франция, Туркия низ шартномаҳои тичоративу дипломатӣ дошт.

Дар охирҳои асри ХУШ, баъди вафоти Каримхони Занд дар натиҷаи муборизаҳои шадид ба сари ҳокимияти Эрон сулолаи Қочория меояд ва зиёда аз 100 сол (1796-1925) ҳукмронӣ мекунад. Аввалин намояндаи ин сулола Оқомуҳаммадхон соли 1796 Теҳронро пойтахт эълон мекунад ва ба ҳукмронии ин сулола асос мегузорад (подшоҳони ин сулола: Оқомуҳаммадхон (1796-1797), Фатҳалишоҳ (1797-1834), Мухаммадшоҳ (1834-1848), Насируддиншоҳ (1848-1896), Музаффаруддиншоҳ (1896-1907),

Муҳаммадалишоҳ (1907-1909), Аҳмадшоҳ (1909-1925). Дар давраи ҳукмронии ин сулола капитали хориҷӣ (аврупой) ба Эрон роҳ меёбад ва муносибатҳои сармоядорӣ шакл мегирад. сармоядорони хориҷӣ фаъолияти худро дар Эрон хеле вусъат дода, феодалони маҳаллиро ба танг меоранд ва иқдисодиёти кишварро тобеи худ мекунанд. Дар натиҷа Эрон ба мамлакати ниммустамликае табдил меёбад. Бо вуҷуди ин дар давраи ҳукмронии Қочория муносибатҳои байналхалқии Эрон вусъат пайдо намуда, дастовардҳои илмию техникӣ ва мадании аврупой ба андозае ҳифзу интишор меёбад.

Дар ибтидои асри Х1Х барои нуфузу эътибор бар Эрон байни Англия ва Россияи подшоҳӣ ихтилоф ва зиддият пайдо мешавад. Дар натиҷаи ин муносибатҳои мустаҳками Эрону Рассия халалдор гардида, Эрон ба Россия ҷанг эълон мекунад. Ҷанг бо мағлубияти Эрон анҷом меёбад ва эрониён талафоти зиёд мебинанд.

Ҳукуматдорони қочорӣ барои васеъ намудани сарзамини худ тирамоҳи соли 1321 ба Туркия барои фатҳи Курдистон ҷанг эълон мекунад, аммо ба мақсади худ ноил нашуда, бо дастоварди андаке (иҷозати зиёрати ҳаҷ) ҷангро анҷом медиҳад. Солҳои 30-юми асри Х1Х ҳукуматдорони қочорӣ барои барпо кардани давлати боиқтидор сиёсати ҷангҷӯёнаи худро давом дода, дар самти шарқии мамлакат як қатор амалиётҳои ҳарбӣ гузаронида, аксари шаҳру қалъаҳои Хуросон, аз он ҷумла Язду Кирмонро фатҳ менамоянд. Онҳо ба Туркманистон ва хонигариҳои Осиёи Миёна низ борҳо ҳуҷум намуда буданд, аммо ба истилои ин сарзаминҳо ноил нашуданд.

Ин тохтутозҳои ҳарбӣ барои бунёди давлати мутамаркази Қочория бо баъзе дастовардҳо анҷом ёфта бошад ҳам, обрӯю эътибори кишвари Эрон дар муносибатҳои байналхалқӣ суст шуд,

вазнинии бори чанг ба дўши мардуми меҳнатӣ афтода, халқи оддии меҳнаткаш аз ин чангҳо талафоти зиёд дид. Эрон танҳо ба Россия зиёда аз 20 миллион сўм товони чанг дод, ки ин ба иқтисодиёти кишвар таъсир накарда наметавонист. Дар натиҷаи сиёсати чангчўёнаи подшоҳони қочорӣ Эрон ба як давлати қафомондаи аграрӣ табдил меёбад.

Подшоҳони қочорӣ қафомонии Эронро ҳис намуда, барои пешрафти он баъзе ислоҳотҳо гузарониданд. Аз он ҷумла, Насируддиншоҳ барои чорӣ намудани ислоҳоти чузъӣ дар армия, идораи давлат, маданият кўшиш намуданд. Аммо ин кўшишу тадбирҳои онҳо ба муқобилияти зимомдорони шариат дучор омада ба амал набаромад. Бо вуҷуди ин, барои пешрафти ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва маданию адабии кишвар таъсири худро гузошт. Махсусан инкишофи муносибатҳои байналхалқии Эрон дар ин бобат яке аз омилҳои асосии пешрафти мамлакат гардид.

Муносибатҳои байналхалқии Эрон боиси ташаккули унсурҳои ҷамъияти сармоядорӣ гардид. Аз солҳои 30-юми асри Х1Х сар карда унсурҳои сармоядорӣ дар арсаи иқтисодиёт, ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва мафкуравӣ зоҳир мешуданд. Пайдоиши ин унсурҳо бўҳрони иқтисодию иҷтимоии Эронро хеле тезу тунд карда, боиси таназзули сохти феодалии давлатдорӣ мегардад. Ҳарчанд зимомдорони давр бо роҳи ислоҳот мехостанд пеши ин ислоҳотро гиранд, вале унсурҳои консервативӣ садди роҳ шуда (чун дар Мовароуннаҳр) боиси боз ҳам шадидтар гардидани бўҳрон мегаштанд.

Дар нимаи аввали асри Х1Х Эрон кишвари аграрӣ буда, замин моликияти хусусии заминдорони калон, ҳокимону феодалҳо, шоҳон ва зимомдорони давр ва қисман моликияти давлатӣ ҳисоб меёфт.

Деҳаҳои ҷудогона ба шахсони алоҳида тӯҳфа мешуданд. Шоҳон низ дар ихтиёри худ чандтои деҳа доштанд ва даромади ҳосили заминҳои он деҳаҳоро соҳибӣ мекарданд. Вазъияти деҳқонон дар ин давра ниҳоят вазнин буд. Тамоми ранчу меҳнат ва ҳамаи харчи давлат ба сари онҳо буд.

Бо ташаккули муносибатҳои сармоядорӣ дар нимаи аввали асри Х1Х ба табақаҳо ҷудо шудани дуҳқонон мушоҳида мешавад. Аз табақаи деҳқонон тоҷирону ҳунармандон ба вуҷуд меомаданд, ки нишонаҳои ҷамъияти ояндаи сармоядорӣ буд. Дар нимаи аввали асри Х1Х дар шаҳрҳои Эрон аввалин корхонаҳои дастачамъии косибону ҳунармандон (мануфактураҳо) ба вуҷуд омада, усули истеҳсолоти аврупой чорӣ мегардад. Ба ин тариқа, дар ҳаёти иқтисодию ҷамъиятии кишвар аввалин нишонаҳои ҷамъияти сармоядорӣ шакл мегирад.

Яке аз ҳодисаҳои муҳими таърихи Эрон дар ин давра дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ мавқеъ пайдо намудани рӯҳониён (мучтаҳидон-аҳли муташарриа) буд. Онҳо дар вилояту воҳаҳои худ бо ҳамаи корҳои диниву давлатӣ роҳбарӣ мекарданд, мувофиқи фатвоҳои онҳо низоми ҳаёти ҷамъиятӣ идора карда мешуд. Кор бо дараҷае расида буд, ки дар маҳалҳо фармони ҳукумати марказӣ танҳо бо ризоияти онҳо ичро мегардид ва ё бе мувофиқат ба ҳукумати марказӣ мучтаҳидон худ фармон содир мекарданд ва худ ба ичро мерасониданд. Ба сифати далел факти зерин дар гузориши муҳаққиқон омада, ки Сайид Муҳаммад Боқири Шафатӣ маъруф ба «Ҳуччатулислом» (в.1260) дар Исфаҳон аз вазифаи мучтаҳидии худ сӯиистифода намуда, тамоми корҳои давлатиро ба дӯши худ гирифта буд. Вақте Фатҳалишоҳ ба вай гуфт: «Агар Шумо худатон ҳукм медиҳед ва худатон ичро мекунед, пас ман чӣ кораам?» Сайид

ҷавоб дода буд: Ҳукми худоро наметавон он андоза ба таъхир андохт то ба арзи шумо бирасад».

Аз ин ҳодиса маълум мешавад, ки ҳатто подшоҳони қочорӣ тахти таъсири мучтаҳидон қарор дошта, дар фаъолияти худ мулоҳизоти онҳоро ба инобат мегирифтаанд. Ба ибораи дигар, сиёсати сулолаи Қочория дар заминаи талаботи мазҳаби шиа бунёд ёфта, риояи қонунҳои шариат комилан аз ҷониби мучтаҳидон ва уламои дин назорат мешудааст.

Як соҳаи фаъолияти рӯҳониён ва уламои мазҳаби шиа маҳкуми таълимоти тасаввуф ва шохаҳои ҷудогонаи он буд, ки инро дар мисоли фаъолияти мучтаҳиди намоёни аср Муҳаммад Алӣ Боқири Беҳбаҳонии маъруф ва Муҳаммад Алии Кирмоншоҳӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Мучтаҳиди номбурда ба муқобили сӯфия бераҳмона мубориза мебурд. Бо фатвои ӯ сӯфии машҳури ин аҳд Муҳаммад Алии Исфаҳонӣ ба бехудой гунаҳкор шуд, намояндагони маъруфи тасаввуф Маъсум Алишоҳ ва Муштоқат ба қатл расонида шуд. Уламои мучтаҳид дар асарҳояшон низ таълимоти тасаввуфро радду маҳкум менамуданд. Бо вуҷуди таъқиботу маҳкумкуниҳо фаъолияти аҳли тасаввуф дар ин аҳд ривоҷу равнақ пайдо намуд. Дар ин давра, махсусан ҷараёни неъматуллоҳии он, ки асосгузораш Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ буд, паҳн мегардид.

Дар солҳои 40-уми аср рӯҳониёни расмӣ ба муқобили ҳукумат киём мекунанд ва ҳаёти иҷтимоиро бӯҳрони сахте фаро мегирад. Рӯҳониён  рӯҳияи эътирозии мардумро ифода менамоянд. Бӯҳрони сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодӣ боиси ҷустуҷӯҳои маънавӣ мегардад. Улуми динӣ ва ҷараёнҳои тасаввуфӣ инкишофу интишор меёбанд.

Ҳукмронони давр низ ба ҷараёнҳои динию тасаввуфӣ мегараванд, ки чунин вазъият дар адабиёти бадеӣ таҷассум гардидааст.

Ба ин тариқа, дар нимаи аввали асри X1X вазъияти иқтисодию сиёсӣ ва иҷтимоии Эрон бар асари сиёсати чангчӯёнаи сулолаи Қочория тезу тунд шуда, аҳволи мардум вазнин мегардад, иқтисодиёти кишвар таназзул менамоянд. Бо вуҷуди ин, дар ин давра дар натиҷаи инкишофи муносибатҳои байналхалқии Эрон унсурҳои ҷамъияти сармоядорӣ ба вуҷуд меояд барои пешрафти иқтисодиёт шароит фароҳам меояд.

Бо вуҷуди ноҳамвориҳои ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодии Эрон дар нимаи аввали асри X1X адабиёт ривоҷу равнақ меёбад. Ҳукуматдорони Қочория, ба илму адабиёт ва умуман арзишҳои маънавӣ ҳусни таваҷҷӯҳи хосе доштанд ва сиёсати маданию адабии худро дар ҳамин замина матраҳ менамуданд. Аксари подшоҳони қочорӣ ва масъулони девону дарбори онҳо ё шоир буданд ва ё ба шеъру шоирӣ алоқае доштанд. Аз ҷумла дар байни авлоди Фатҳалишоҳ, ки шоири қасидапардози боистеъдоде буд, Муҳаммадалии Мирзо Давлатшоҳ бо тахаллуси Давлат, Абдулло Мирзо бо тахаллуси Доро, Ҳасанали Мирзо Шучоуссалтана бо тахаллуси Шикаста, Маҳмуд шеър мегуфтанд. Баъзе аз онҳо дар аҳди Носирӣ шоирони мадеҳагӯи расмии дарбор шуданд. Худи Насируддиншоҳ ҳам бо тахаллуси Носир шеър мегуфт. Теъдоде аз вазирон ва арбобони давлати Қочория низ бо шеъру шоирӣ алоқаманд буданд ва бархе аз онҳо шоирони боистеъдоди замони худ ба шумор мерафтанд. Аз ҷумла Мирзо Абулқосим Қоиммақоми Фароҳонӣ ва падараш Мирзо Исо маъруф ба Мирзои Кабир, Садри аъзами Муҳаммадшоҳ Ҳочи Мирзо Оқосӣ ва дигарон шоир буданд. Гузашта аз салотину вузаро уламою ҳукамо ва ҳатто мучтаҳидони

ин давра ба шеъру шоирӣ алоқа нишон медоданд ва ба эҷоди бадеӣ машғул мешуданд.

Аз мучтаҳидони бузурги аҳди Фатҳалишоҳ Мирзо Абулқосими Қумӣ, Оқо Муҳаммадалии Кирмоншоҳӣ, ки таъқибгари ашаддии тасаввуф ва шуарои мутасаввиф буд, шоир буданд ва ақоиди динию мазҳабии худро дар шеър низ ифода менамуданд. Дар ин давра машғулият ба шеъру шоирӣ дар байни ҳукамо ва муҳаққиқони фалсафию калом низ роич гардид. Аз ҷумлаи онҳо Охунд Муллоалии Нурии Исфаҳонӣ (олими шариатшинос), Мулло Ҳодии Сабзаворӣ (муҳаққиқи ҳикмат ва фалсафаи ишроқӣ), Мулло Абдуллоҳи Занузанӣ (олими ҳикматшиноси мадориси Теҳрон) ва дигаронро зикр намудан мумкин аст, ки дар шеъру шоирӣ маҳорати баланд зоҳир намудаанд.

Бо вуҷуди аз тарафи мучтаҳидони аср таъқибу маҳкум шудани аҳли тасаввуф шеъри сӯфиёна дар ин давра хеле нашъунамо мекунад. Шоирони мутасаввифи ин аҳд, аз он ҷумла Мирзо Муҳаммад Алии Исфаҳонии маъруф ба Нуралишоҳ (тариқати Неъматуллоҳӣ), Муштоқалии Кирмонӣ ва муриди ӯ Мирзо Муҳаммадтақии маъруф ба Музаффари Кирмонӣ, ки бахшида ба пираш «Девони Муштоқия» тартиб дода бо номи Мавлавии Сонӣ ва ё Мавлавии Кирмонӣ машҳур шуд ва монанди инҳо шеъри сӯфиёнаи қудаморо бо шӯру ҳаячони ошиқонае эҳё карданд.

Даҳсолаҳои аввали адабиёти аҳди Қочория давоми бевоситаи адабиёти нимаи дуюми асри ХУШ мебошад. Дар ин давра бозгашт ба шеваи қудамо ва сабки хуросонию ироқӣ, ки дар мактаби адабии Исфаҳони нимаи дуюми асри ХУШ ба вуҷуд омада буд, интишору тақвият ёфта ба як наҳзат (чунбиш)-и адабии боиқтидор табдил меёбад. Дар эҷодиёти шоирони ин давра, махсусан Қоонӣ, Висол,

Фурӯғӣ, Саҳоб, Нишот, Мичмар ва дигарон чои образҳои мавҳум ва ифодаҳои душворфаҳми сабки ба ном ҳиндиро образу ифодаҳои соддаю ҳамафаҳм мегирад. Бозгашт ба шеваи қудамо дар забони осори адаб\ низ баъзе дигаргуниҳоро ба вуҷуд меорад, истифодаи калимаҳои арабӣ низ маҳдуд мегардад, ба тозагии забон ҳам дар насру ҳам дар назм таваҷҷӯҳи махсус зоҳир мегардад. **Баъзе адибони ин аҳд аз он ҷумла, Яғмои Чандақӣ ин ҷараёнро ба дараҷаи ифрот (пуризм) расондаанд**. Вобаста ба таҳкими бозгашти адаб\ дар мазмуну мундариҷаи адабиёт низ баъзе дигаргуниҳо ҳам ба вуҷуд меояд. Аз он ҷумла, адабиёти дарборӣ ривоҷу равнақ ёфта мадеҳасарой хеле инкишоф меёбад. Ҳукмронҳои қоҷорӣ нисбати шоирони дарбор ғамхориҳои зиёд мекарданд. Аз ҳукмронҳои Қоҷория, беш аз ҳама, Фатҳалишоҳ ба маданияту адабиёт таваҷҷӯҳ дошт. Дар дарбори ӯ ҷамъияти шоирон бо номи «Анчумани хоқон» амал мекард. Шоирони мадеҳагӯи дарбори ӯ Мирзо Муҳаммади Саҳоб, Сабои Кошонӣ, Нишоти Исфаҳонӣ, Саид Ҳусейни Мичмар ва дигарон дар пешрафт ва ривоҷу равнақи тафаккури бадеии халқҳои эрон\ хизмати бузургро анҷом додаанд. Асарҳои бархе аз ин шоирон дар Тоҷикистон низ ба табъ расидааст.

Дар адабиёти ин давра баробари назми мадеҳавӣ ҳичогӯии ин давра Яғмои Чандақӣ буд. Жанрҳои адабии давраҳои гузашта дар ин аҳд такмилу инкишоф меёбанд, қасидаву ғазал нуфузу эътибор пайдо мекунад. Ба воситаи эҷодиёти Яғмо марсия аз ҷиҳати шакл такмил меёбад, шаклҳои тозае барои ин навъи назм кашф карда мешавад.

Ба ин тариқа, шеър дар аҳди Қоҷория шакли суннатӣ ва анъанавии худро эҳё намуда, бар хилофи аҳди Сафавия дархӯри ниёзу

ормонҳои хос гардид. Риояи қонуну қавоиди шеър ва суннатҳои адаб\ меъёри шеъри асил гардид. Дар ин давра танҳо касе даъвои шоирӣ карда метавонист, ки аз дониши мадрасӣ ва асосу қавоиди назарии шеър огоҳӣ дошта бошад. Чунин вазъият қаламрави шеъру шоириро дар ҳаёти ҷамъиятӣ танг намуда, онро мансуби табақаҳои хоси ҷамъиятӣ гардонид. Ин вазъият сабаби асосии инқирози адабиёти шаҳру доираҳои ҳунармандӣ гардид.

**Намояндагони адабиёти эрони нимаи аввали асри Х1Х.** Аз подшоҳони қочории нимаи аввали асри Х1Х Фатҳалишоҳ (1797-1834) ва Муҳаммадшоҳ (1834-1848), беш аз ҳама, ба илму адабиёт таваҷҷӯҳ доштанд ва шоирону адибонро эҳтирому ғамхорӣ мекарданд. Дар дарбори Фатҳалишоҳ, чунон ки таъкид гардид, анчумани шоирон амал мекард ва шоирони соҳибистеъдод  дар он чо чамъ омада буданд, ки намоёнтарини онҳо Мирзо Муҳаммади Саҳоб, Сабои Кошонӣ, Нишоти Исфаҳонӣ, Сайид Ҳусейни Мичмар ва монанди инҳо ба шумор мерафтанд. Муҳаммадшоҳи Қочор низ анъанаи бобои худ Фатҳалишоҳро идома дода, шоиронро сарпарастӣ менамуд. Дар дарбори ӯ низ як идда шоирони боиқтидори он давра, монанди Қоонии Шерозӣ, Суруши Исфаҳонӣ, Висоли Шерозӣ, Фурӯғии Бастомӣ ва ғайра ба камолоти эҷодӣ расида буданд.

Адибони мазкури аҳди Қочория анъанаҳои мактаби адабии Исфаҳони нимаи дуюми асри ХУШ, яъне чунбиши бозгашти адабиро пайравӣ намуда, аксарияти онҳо дар қасидапардозиву ғазалсарой маҳорати баланд нишон додаанд. Хусусиятҳои назаррас ва махсусиятҳои эҷодиёти онҳоро дар мисоли **эҷодиёти Қоонии Шерозӣ** муоина намудан мумкин аст.

Қоонии Шерозӣ соли 1808 дар Шероз ба дунё меояд ва таҳсили ибтидоии худро дар зодгоҳаш мегирад. Дар айёми таҳсил ӯ ба шеъру шоирӣ бештар машғул шуда, ҳанӯз дар ҳамон овон ба малики форс қасидаҳо навишта мефиристодааст. Бо дастгирии малики мазкур ӯ дар Исфаҳон такмили илм менамояд. Соли 1823 мамдӯҳи шоир фармонфармои Хуросон таъйин мешавад ва ҳамроҳи худ Қоонии ҷавонро ба Машҳад мебарад. Дар Машҳад аҳволи шоир хеле хуб ва имкониятҳои таҳсил васеъ мегардад.

Ӯ муддати кӯтоҳ илмҳои замони худро ҳифз менамояд. Ӯ ба омӯхтани забон бештар иштиёқ дошта, забонҳои арабию туркӣ ва франсавию англисиро хеле хуб аз худ менамояд. Соли 1835 Қоонӣ ба Теҳрон меояд ва ба хизмати Муҳаммадшоҳ дохил мешавад. Қоонӣ то охири умри подшоҳи мазкур дар дарбори ӯ ва баъд аз сари ӯ дар дарбори Насируддиншоҳ ба сифати шоири дарборӣ хизмат мекунад. Шоир дар соли 1854 аз касали вафот мекунад.

Қоонии Шерозӣ хеле барвақт ба шеъргӯи шурӯъ карда, дар тӯли умри кӯтоҳи худ осори бое боқӣ гузоштааст. Муаллифони сарчашмаҳо ашъори ӯро аз 25 то 100 ҳазор байт қайд кардаанд. Яке аз мураттибони ашъори шоир Ҷалолуддавлаи Қоҷор баъд аз чор соли марги шоир аз девони 25 ҳазорбайтаи ӯ 5 ҳазор байт интихоб намуда, мунтахаботи шоирро таҳия намудааст, ки то ба мо омада расидааст.

Қоонии Шерозӣ аз пурмаҳсултарин шоирони назми форсӣ ба шумор рафта, эҷодиёти ӯ хусусиятҳои асосии шеъри форсиро дар нимаи аввали асри Х1Х инъикос менамояд. Дар ашъори шоир аксари мавзӯъ ва масъалаҳое, ки дар эҷодиёти шоирони давр ифода шудааст, мушоҳида кардан мумкин аст.

Мавзӯъҳои асосии ашъори Қooниро, пеш аз ҳама, масъалаҳои умумиву анъанавии адабиёти мумтози форс, монанди ишқ, мадҳ, тасвири табиат, васфи маю майгусорӣ ва хушгузаронии умр, шикоят аз замона, танқиди бесомонию ошуфтагии рӯзгор ва хислатҳои бади одамӣ, ҳаҷви шахсони ҷудогона, панду андарз ва амсоли инҳо ташкил менамояд.

Дар маркази тамоми  ашъории Қоонӣ тасвири инсон меистад. Агар дар ғазалиёту рубоиёт ва махсусан қисмати тағаззулоти қасоиди шоир ҳусну ҷамол, зебоиву латофати маъшуқ, ишқу муҳаббат нисбат ба вай ифода шуда бошад, дар мадҳияҳои ӯ тавоноиву далерӣ, часорату саховат ва умуман камолоти чисмонии инсон бештар ба риштаи тасвир кашида шудааст.

Умуман дар эҷодиёти шоир, ки пайрави чунбиши бозгашт маҳсуб мешавад, эҳёи анъанаю суннатҳои адабии гузаштагонро ба таври возеҳ мушоҳида намудан мумкин аст.

Қоонӣ баробари **осори манзум асарҳои насрӣ** низ навиштааст, ки машҳуртарини онҳо «Парешон» ном дорад. Ин асари панду ахлоқӣ буда, дар пайравии «Гулистон»-и Саъдӣ таълиф шуда, 120 ҳикоятро дарбар мегирад, аммо дар арзишу бадеият ба асари тақлидшаванда баробарӣ карда наметавонад.

Дар ин давра баробари инкишофи назми мадеҳавӣ ҳаҷву мутоиба низривоҷу равнақ меёбад. Дар эҷодиёти шоирони номбурдаи дарборӣ аз ҷумла, дар эҷодиёти Қоонии Шерозӣ низ ин мавзӯъ мавқеи муҳим дорад.

Ривоҷу равнақи ҳаҷву мутоиба ва хусусиятҳои асосии муҳочоти шоирони ин давра, беш аз ҳама, дар эҷодиёти шоири ғайридарбории ин аҳд Яғмои Чандақӣ ифода ёфтааст.

## Мирзо Абулҳасан Яғмои Чандақӣ

Яке аз машҳуртарин шоирони ҳичогӯ ва нававари ин давра ба шумор меравад. Ӯ соли 1782 дар қисмати шарқии шаҳри Язд дар мавзеи Ҳури деҳкадаи Чандақ таваллуд меёбад. Таҳсили ибтидоиро дар зодгоҳаш мегирад ва баъд ба Симнон сафар намуда, дар даргоҳи ҳокими он чо Зулфиқорхон аввал ҳамчун сарбоз ва баъдҳо ба сифати муншӣ кор мекунад ва бо тахаллуси Мачнун шеър низ менавишт. Аммо баъд аз гузашти муддате (6 сол) муносибати ӯ бо сардораш Зулфиқорхон вайрон мешавад. Ҳокими мазкур молу мулки шоирро мусодира намуда, худи ӯро азияти чисмонӣ медиҳад. Ӯ аз ҷабри сардор мегурезад ва бинобар мусодираи моли ба яғмо рафтааш тахаллуси худро ба «Яғмо» табдил медиҳад. Баъд аз ин воқеа шоир муддате дар Қум, Исфаҳон ва Машҳад зиндагӣ мекунад ва баъд ба Теҳрон меравад. Дар Теҳрон шоир бо Садри Аъзами Муҳаммадшоҳ Мирзо Оқосӣ ошной пайдо мекунад. Ӯ ҳамчунин дар Теҳрон бо шоирони маъруфи аср Қоонӣ ва Фурӯғии Бастомӣ шинос шуда, бо онҳо пайванди дӯстӣ пайдо мекунад.

Мирзо Оқосии мазкур ба хотири иродате, ки ба Яғмо дошт, ӯро ба вазорати ҳукумати Кошон мефиристад. Шоир дар он чо муддате машғули кор мешавад. Аммо фаъолияти ӯ дар Кошон дер давом намекунад. Ӯ дар ҳаҷвияи яке аз соҳибдавлатони Кошонро ҳаҷв менамояд. Он соҳибдавлат, ки зоҳиран қудратманд будааст, дар охири кор шоирро ба танг меорад. Яғмо ноилоч ба Чандақ бармегардад ва то охири умр ба зодгоҳаш умр ба сар мебарад.

Яғмо шоири пурмаҳсул аст. Ӯ аз шоирони маъруфи ин аҳд ягона шоирест, ки мадҳи касе нагуфта ва қасидае иншо накардааст. Ӯ дар сурудани ғазал, қитъа, рубоӣ ва марсиягӯй сабку услуби гузаштагонро идома додааст. Хусусияти хоси эҷодиёти шоир

назари интиқодии ӯст, ки дар ҳаҷвиёти шоир бештар инъикос ёфтааст.

Саҳми Яғмо дар таҳаввули марсиясарой қобили зикр аст. Ӯ ин жанри адабиёти форсиро на танҳо аз ҷиҳати мазмун, балки аз лиҳози шакл низ такмил дода ва дар ин чода мухтареоте ба вуҷуд овардааст. Саҳми ӯ дар тоза кардан забони форсӣ аз калимаҳои иқтибосии арабй низ хеле бузург аст.

Ҳодисаи дигари марғуби ҳаёти адабии нимаи аввали асри Х1Х ба амал омадани дигаргуниҳои ҷиддӣ дар сабки насри форсӣ – қадамҳои аввали содданависӣ мебошад, ки ин падидаи ҳаёти адаб\ ба фаъолияти ҷамъиятию адабии вазири Муҳаммадшоҳи Қочорй Мирзо Абулқосими Фароҳонй маъруф ба Қоиммақом алоқамандии узвй дорад.

## Мирзо Абулқосим Қоиммақом

Соли 1779 дар Теҳрон дар оилаи вазир таваллуд мешавад ва дар ҷавонӣ ҳамчун шоир машҳур мегардад. Ӯ дар даргоҳи валиаҳди Фатҳалишоҳ Аббос Мирзо (падари Муҳаммадшоҳ) фаъолият дошт. Ӯ бо русҳо қаробат дошт ва дар сиёсати нисбати Россия доштаи Эрон нақши калон мебозид. Ӯ дар сохтори давлатӣ як қатор ислоҳот гузаронида, дар сиёсати ҳарбӣ услуби европоиёнро ҷорӣ намуд ва истеҳсолоти ҳарбӣ ва саноати газворбофиро дар Эрон асос гузошт. Қоиммақом ба муқобилияти аҳли дарбори Қочория ва мутаассибони дин нигоҳ накарда, ҳарчи хазинаи подшоҳиро маҳдуд ва кормандони муфтхӯри дарбориро ихтисор намуд, ки боиси норизоию фитнаангезиҳои онҳо гардид.

Дар таърихи адабиёт ӯ на танҳо ҳамчун шоири соҳибзавқ, балки ба сифати ислоҳгари насри форсӣ шинохта мешавад. Ӯ ба услуби

содданависӣ асос гузошта, насри форсиро аз печу хами иборапардозиҳо ва душворбаёниҳое, ки дар аҳди Сафавияю Темурӣ роиҷ буд, берун овард. Сабки нави насри форсӣ аз «Муншаот»-и ӯ сарчашма мегирад. Ҳарчанд ин асар аз иборапардозиҳои аҳди Сафавия комилан холӣ нест, бо вуҷуди ин дар он унсурҳои асосии услуби содданависӣ ба мушоҳида мерасад.

## АДАБИЁТИ МАОРИФПАРВАРИИ ЭРОН ВА АФҒОНИСТОН

Маорифпарварӣ чунбиши сиёсию иҷтимоӣ ва мафкуравию адабие мебошад, ки дар давраи гузариш аз ҷамъияти феодалӣ ба ҷамъияти сармоядорӣ зуҳур менамояд. Ин чунбиш дар Эрону Афғонистон дар нимаи дуюми асри Х1Х ба вуҷуд меояд. Дар Эрони ин аҳд, ки давраи ҳукмронии Насируддиншоҳи Қочор аст, таҳти таъсири Россия ва Англия унсурҳои ҷамъияти сармоядорӣ ташаккул меёбад. Дар ин давра давлатҳои мазкур Эрону Афғонистонро ба манбаи ашёи хом ва бозори фурӯши маҳсулоти саноатии худ табдил дода буданд. Эрон ба дараҷаи давлати ниммустақиле расида буд. Носируддиншоҳ ва ҳокимони маҳаллӣ ба иқтидори давлатҳои аврупой, махсусан Англияю Россия такя намуда, ҳокимияти худро муҳофизат мекарданд. Аҳволи мардум, ки таҳти зулми дутарафа қарор дошт, ниҳоят вазнин буд. Рӯҳияи эътирозии аксари табақаҳои меҳнатӣ ва мазлуми аҳолии кишварро фаро гирифта буд.

Бо воридшавии сармояи хориҷӣ ба Эрону Афғонистон ва ташкили корхонаҳои саноатӣ на танҳо дар ҳаёти иқтисодӣ, балки дар ҳаёти сиёсию мадан\ низ дигаргуниҳо ба вуҷуд омаданд. Мардуми қафомондаи ин кишварҳо бо дастовардҳои илму техникаи

мамлакатҳои мутараққии Ғарб, бо маданияту услуби зиндагонии мардуми онҳо ошной пайдо мекунанд. Дар натиҷаи ин ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмӣ мардуми Эрону Афғонистон васеъ шуда, эҳсоси худшиносии миллии онҳо бедор мегардад.

Ба ин тариқа, баробари сармояи мамлакатҳои ғарбӣ ба мамлакатҳои Шарқ, аз ҷумла ба Эрону Афғонистон тафаккуру маданияти Ғарб роҳ меёбад ва дар ҳаёти мадании ин кишварҳо дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал меояд.

Зуҳуроти воридшавии дастовардҳои илму техника ва роҳёбии маданияти аврупоиро дар ҳаёти мадании Эрону Афғонистон дар таъсиси нашриёт ва рӯзномаю маҷаллаҳо мушоҳида намудан мумкин аст. Ҳанӯз дар солҳои 1816-1917 бо ташаббуси Аббос Қочор (падари Муҳаммадшоҳ) дар Табрез чопхона (типография) кушода шуда буд, ки аз соли 1924 ба чопи китобҳо шурӯъ намуд. Дар Теҳрон низ дар солҳои 1837-38 корхонаи чопи сангӣ таъсис меёбад. Таъсиси корхонаҳои табъу нашр барои пешрафти корҳои маорифу маданият, таъсиси мактабҳо ва нашри рӯзномаю маҷаллаҳо имкониятҳои васеъ ба вуҷуд меорад. Аз солҳои 50-уми асри Х1Х сар карда нашри китоб ва рӯзномаю маҷаллаҳо оғоз мегардад. Аввалин рӯзномаҳои дар Эрон чопшуда «Рӯзномаи ахбори вақоеъ» ва «Рӯзномаи вақоеъи иттифоқия» мебошад, ки аз соли 1860 бо номи «Рӯзномаи олии давлати Эрон» нашр мегардад. Дар давраҳои баъдӣ даҳҳо номгӯи рӯзномаю маҷаллаҳои давлатию шахсӣ, аз он ҷумла «Қонун». «Эрон», «Миротуссафо», «Шараф», «Шарофат», «Хулосатулҳаводис» ва ғайраҳо таъсис меёбанд.

Дар нимаи дуюми асри Х1Х як қатор мактабҳои усули ҷадид ва нахустин «Дарулфунун» (1852) таъсис меёбад, ки дар ҳаёти илмию мадании ин аҳд воқеаи муҳиме ба ҳисоб меравад. «Дорулфун»

аввалин мактаби олии Эрон мебошад, ки дар он баробари илмҳои гуманитарӣ илмҳои дақиқу техникӣ ва таълими ҳарбӣ бо усули аврупой омӯзонида мешуд ва ҳатто баъзе мударрисони он аз мамлакатҳои аврупой даъват шуда буданд. Дар пешрафту тараққии ин муассисаи илмӣ нақши аввалин сарвари он олими донишманд ва шоиру адабиётшиноси маъруф Ризоқулихони Ҳидоят ниҳоят бузург аст.

Ин бозёфтҳои илмию адаб\ ва мадан\ тафаккуру ҷаҳонбинии мардуми Эронро вусъат дода, назари интиқодии онҳоро ба воқеияти он давра, ки дар натиҷаи зулму истибдоди ҳукуматдорони қочорӣ ба вуҷуд омада буд, амиқтар мегардонад. Мардуми Эрон, махсусан зиёиёни он ақибмондагии кишвари худро аз мамлакатҳои аврупой хеле хуб дарк намуда, масъалаи ҷустуҷӯҳои сабабҳои ақибмонии кишвар ва роҳҳои ислоҳи онро ба миён мегузоранд. Дар муҳокимаи ин масъалаҳо табақаҳои васеи аҳолии кишвар, махсусан зиёиён фаъол иштирок намоянд ва назару андешаҳои худро дар рӯзномаю маҷаллаҳо ва асарҳои бадеию таълимӣ изҳор менамоянд.

Ташаккули муносибатҳои сармоядорӣ, бедор шудани эҳсоси худшиносии миллии мардуми кишвар ва назари интиқодию ислоҳотхоҳонаи онҳо унсурҳои асосии чунбиши маорифпарварии Эрону Афғонистон ҳисоб меёбанд.

Дар ташаккул ва интишори чунбиши маорифпарварии халқҳои Эрону Афғонистон зиёиёни ватанпарвару озодихоҳи кишварҳои мазкур Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ ва пайравони ӯ Мирзо Оқохони Кирмонӣ, Шайх Аҳмади Руҳӣ, Маҳмуди Тарзии Афғон, Мирзо Малкумхони Исфаҳонӣ ва дигарон нақши калон гузоштаанд. Маорифпарварони Эрону Афғонистон сабабҳои асосии қафомонии кишвар ва аҳволи вазнини мардумро дар ноқисии сохтори ҳукуматӣ

дида, тарзи шоҳии ҳукмрониро маҳкум намудаанд. Онҳо зарурати гузаронидани ислоҳоти ҷиддӣро дар ҳамаи соҳаҳои ҷамъият роҳи ягонаи халосии мамлакат шуморида, дар гузоришоти худ зарурати саводнок намудани аҳолӣ ва азхудкунии илмҳои дақиқу табииро ҳамчун муҳимтарин омили пешрафти иқтисодии кишвар таъкид кардаанд. Маорифпарварони афғону эрон\ ба бозёфтҳои илмию техникӣ ва пешрафти саноати мамолики аврупой бо дидаи ибрат нигариста, сиёсати мустамликадории онҳоро маҳкум менамоянд.

Ҳаракати ислоҳотхоҳӣ ва истиқлолиятчӯию маорифпарварии эрониён дар Инқилоби Машрута, ки солҳои 1905-11 баргузор гардида буд, ба таври возеҳ ифода ёфт. Гарчанде инқилоби машрутаи халқи Эрон мағлуб шуда бошад ҳам, аммо ин ҳаракати озодихоҳона ва тараққичӯёнаи эрониён қатъ нагардид, балки боз ҳам шадидтар ва тезутундтар гардид, ки фаъолияти ҷамъиятию амалии шоирони инқилобии Эрон Фаррухии Яздӣ, Абулқосим Лоҳутӣ ва Маҳмуди Тарзии Афғон гувоҳи он мебошад.

Дигаргуниҳои ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодии кишварҳои Эрону Афғонистон дар адабиёти ин давра ба таври мукаммал инъикос ёфтааст.

Дар адабиёти ин аҳд ду ҷараёни асосӣ – идомаи анъанаю суннатҳои адаб\ ва ифодаи ғояҳои маорифпарвариро мушоҳида менамоем. Дар адабиёти ин давра назм асосан суннатҳои адабиро маҳфуз дошта, дар наср бештар ғояҳои тараққию тачаддудхоҳии маорифпарварон таҷассум ёфтааст. Анъанаҳои адабиёти мумтоз дар эҷодиёти шоирони намоёни ин давра Сипеҳри Кошонӣ, Суруши Исфаҳонӣ, Фатҳуллохони Шайбонӣ, Шӯридаи Шерозӣ, Содиқхони Фароҳонӣ ва ғайраҳо давом ёфтааст. Дар охирҳои асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ шоирони пайрави назми анъанавӣ низ ба

мавзӯъҳои маорифпарварӣ рӯй оварда, баъзе ғояҳои ин чунбиши пешқадамро дар қолабҳои суннатии назми форсӣ ифодаву тарғиб намудаанд. Ин ҳолатро дар эҷодиёти шоири маъруфи ин аҳд Эрач Мирзо (падараш Ғуломҳусайн бародарзодаи Фатҳалишоҳи Қочор аст) мушоҳида кардан мумкин аст. Эрач Мирзо, ки ба хонандагони тоҷик бо «Модарнома»-ҳои худ шинос аст, баробари тарғиби баъзе ғояҳои чунбиши маорифпарварӣ (махсусан дар маснавиҳояш) ба содданависӣ майл зоҳир намуда, сабку услуби хоси худро ба вуҷуд овардааст. Мушаххасоти услуби нигориши ӯ дар қаробат ба забони зиндаи халқ, истифодаи таъбирот ва зарбулмасалу мақолҳои халқи зоҳир мешавад. Дар эҷодиёти шоир унсурҳои воқеънигоронаи тасвир низ мушоҳида мегардад.

Бо вуҷуди ин навгониҳо ашъори Эрач Мирзо дар чорчӯбаи шеъри анъанавӣ қарор дорад.

Пешрафту инкишофи назми Эрону Афғонистон дар нимаи дуюми асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ ба эҷодиёти шоирони маорифпарвару озодихоҳ ва инқилобӣ алоқаманд мебошад. Шоирони инқилобии Эрону Афғонистон эҷоди бадеиро ба аслиҳаи боиқтидори мубориза табдил дода, дар қолабҳои шеъри суннатӣ мазмунҳои иҷтимоӣ, андешаҳои интиқодӣ, афкори сиёсӣ ва дархостҳои тараққихоҳиву истиқлолиятчӯии худро ифода ва тарғибу ташвиқ намудаанд. Ба радифи шоирони истиқлолиятхоҳи инқилобӣ Фаррухии Яздӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Маҳмуди Тарзӣ ва амсоли инҳо дохил мешаванд, ки онҳо ҳам дар фаъолияти амалӣ ва ҳам дар эҷоди бадеӣ алайҳи мустамликадорони хориҷӣ ва ҳукумати мустабиду зулмпарвари кишварҳояшон муборизаи беамон бурдаанд. Ин шоирони мубориз лирикаи ишқии анъанавиро ба воситаи ифодаи афкори сиёсию иҷтимоӣ табдил дода, дар қолабу

мавзӯъҳои анъанавӣ мазмунҳои тамоман наву замонавиро ғунчоиш додаанд. Дигаргунии мазкури назми форсиро дар адабиёти Эрону Афғонистон дар мисоли эҷодиёти Фаррухии Яздӣ ва Маҳмуди Тарзии афғон аз назар гузаронидан мумкин аст.

Таҷассуми ғояҳои маорифпарварӣ, пеш аз ҳама, дар насри ин давра мушоҳида мегардад. Нависандагони ин давра Ризоқулихони Ҳидоят, Шайх Аҳмади Рӯҳӣ, Мирзо Малқумхон, Абдураҳим Толибов, Зайнулобиддини Мароғай, Мирзо Оқохони Кирмонӣ ва дигарон ғояҳои чунбиши маорифпарвариро дар асарҳои бадеии худ тарғибу ташвиқ намудаанд. Дар асарҳои онҳо беэътиноии ҳукуматдорон ба аҳволи кишвар, ҷабру зулми беандозаи онҳо ба халқи мазлум, тамаллуқкориҳои шоҳ ва аҳли вазорати ӯ нисбати аврупоиёну русҳо, ҳамчунин бесаводию танпарастии муллою мударрисони кишвар ва фаъолияти риёкоронаи онҳо танқиду мазаммат гардида, зарурияти ислоҳи ин аҳвол таъкид мешавад. Нависандагони маорифпарвар дастовардҳои илму техника, бозёфтҳои мадан\ ва пешрафти иқтисодии мамолики мутараққии аврупоиро таърифу тавсиф намуда, барои ба ин дараҷаи тараққиёт расидани кишварҳои Шарқ гузаронидани ислоҳоти сиёсӣ, таъсиси мактабҳои ҷадид, махсусан бо усули аврупоии таълим ва омӯхтани илмҳои дунявӣ, аз зулму таассуби асримиёнагӣ раҳо кардани мардум ва монанди инҳоро зарур мешумориданд.

Дар эҷодиёти нависандагони ибтидои асри XX махсусан дар асарҳои Алиакбари Деххудо, Саид Муҳаммадали Ҷамолзода, Саид Нафисӣ, Содиқ Ҳидоят, Бузург Алавӣ ва дигарон ба иловаи муаммоҳои мазкур масъалаҳои ифтихору истиқлолияти миллӣ, эҳё намудани асолати забони форсӣ, озодии занону духтарони Шарқ ва монанди инҳо мавриди таҳқиқи бадеӣ қарор гирифтааст.

Насри форсии маорифпарварӣ бо як қатор хусусиятҳои худ аз насри давраҳои дигар фарқ мекунад. Бинобар хусусияти тарғиботӣ доштани асарҳои нависандагони маорифпарвар ва ба табақаҳои васеи аҳолӣ нигаронида шудани он дар забону услуби онҳо сабки соданависие, ки Қоиммақоми Фарохонӣ асос гузошта буд, пайравӣ ва такмил ёфтааст. Хусусияти дигар насри ин аҳд аз он иборат аст, ки дар он оҳанги публитсистӣ (рӯзномавӣ) қувват ёфта, тамоюли воқеънигоронаи тасвир ба унсури асосии услуби тасвир табдил меёбад. Яъне нависандагон афкори иҷтимоию маорифпарварии худро ба воситаи тасвири воқеаҳое ба амал меоранд, ки дар ҳаёти ҷамъиятӣ ба вуқӯъ омадани онҳо аз эҳтимол дур нест.

**Ғояҳои чунбиши маорифпарварӣ дар адабиёти Эрон**

Ғояҳои ҷунбиши маорифпарвар\ дар адабиёти Эрон ва Афғонистон, пеш аз ҳама, дар наср ифода мегардад. Насри форс\ дар ин давра хеле нашъунамо менамояд. Ба ривоҷу равнақи наср таъсиси рӯзнома ва тарҷумаи романҳои аврупо\ таъсири амиқ мерасонад. Дар ин давра махсусан насри рӯзноманигор\ (публитсист\) хеле тарақк\ ва ривоҷу равнақ меёбад. Насри рӯзноманигор\ бо жанрҳои адабии насри форс\ таъсири калон расонида, дар услуби тасвири онҳо дигаргуниҳои ҷидд\ ба вуҷуд меорад.

Интишори ғояҳои ҷунбиши маорифпарвар\ дар адабиёт боиси ташаккули жанрҳои нави адаб\ – мунозира ва саёҳатнома мегардад. Адибони маорифпарвар андешаҳои маорифпарвар\ ва истиқлолиятхоҳии худро асосан дар асарҳои дар жанрҳои мазкур таълиф кардаи худ тарғибу ташвиқ намудаанд.

Мунозира яке аз жанрҳои  мустаъмали адабиёти маорифпарвар\ маҳсуб мешавад. Аз адибони маорифпарвари Эрон ба ин жанр бештар **Абдураҳим Толибов** мурочиат намудааст. Ў дар «Сафинаи Толиб ё китоби Аҳмад» ном асараш, ки дар услуби мунозираи падару писар воқеъ шудааст, муаммоҳои ичтимо\ ва андешаҳои интиқодию тараққихоҳии худро манзур менамояд. Дар ин асар падару писар (Аҳмад) образҳои рамз\ буда, нависанда аз онҳо барои тарҳи мубоҳису мунозира истифода намудааст. Нависанда дар ин асари худ тавассути мубоҳисаи падару писар иллатҳои ичтимоии Эрони замони зиндагии худро, ки монеи пешрафту тараққии кишвар гардидаанд, фошу маҳкум намудааст.

Асари дигари дар жанри мунозира навиштаи Абдураҳим Толибов «Масоликулмўҳсинин» мебошад. Ин асар, мувофиқи эътирофи муҳаққиқон, андешаҳои сиёсию ичтимо\ ва афкори тараққихоҳонаи нависандаро ба таври комил фаро гирифтааст ва аз ин чиҳат муҳимтарин осори ў шумурда мешавад. Ин асар бино бар сюжетнок\ ва ранги қисса доштанаш ба завқи табақаҳои васеи хонандагон мувофиқ буда, аз ин лиҳоз, шўҳрату маҳбубият пайдо кардааст. Дар ин асар қиссаи сафари ҳайъати (экспедитсияи) 5 нафарае ба кўҳи Дамованд тасвир карда мешавад, ки барои таъйини баландии он ташкил ёфта буд. Мувофиқи нақли нависанда яке аз вазирони ҳукумат\ ба Мўҳсин ном шахс таъсиси гурўҳи 5 нафараеро барои таъйини баландии кўҳи Дамованд амр дода, супориш медиҳад, ки дар поёни сафар гузорише тартиб диҳад, то ки вазир онро ба сафорати Англия тақдим намояд. Мўҳсин мутобиқи амри мазкур амал менамояд. Дар асар рўйдодҳои сафари он ҳайъат ва мунозираи аъзои он дар тўли сафар оварда мешавад, ки ҳама ба масоили чунбиши маорифпарвар\, алалхусус баррасии мафҳумҳои

қонун, адолат, озод\ ва амсоли инҳо тааллуқ доранд. Дар поёни сафар қаҳрамони асар Мӯҳсин гузорише таҳия намуда ба вазир тақдим менамояд. Вазир аз ӯ хоҳиш менамояд, ки дар интиқоди сохти иҷтимо\ бо ӯ ҳамкор\ намояд. Мӯҳсин ин таклифро намепазирад. Ӯ дар ниҳояти қисса дар ҳолате, ки дар маҷлиси ҳукумат\ аз рӯи масъалаи зарурати гузаронидани ислоҳот дар сохтори ҷамъият\ ширкат меварзид, аз хоб бедор мешавад ва маълум мегардад, ки ҳамаи воқеаҳои нақлшуда рӯъёе беш нест.

Нависанда дар ин асар ба воситаи тасвири тафсилоти сафар ва мубоҳисаю мунозираи ҳамсафарон муаммоҳои ҳалталаби иҷтимоию сиёс\ ва мадании он аҳдро матраҳ менамояд ва андешаҳои равшангаронаи худро ба таври ҷолиб манзур менамояд. Ҳамчунин дар асар аз аҳволи ҷаҳон дар он аҳд, баъзе пешрафтҳои илму ихтироот ва ислоҳоти бозёфтҳои дунёи Ғарб ба хонанда иттилоъ дода мешавад. Иттилооти мазкур пайваста бо интиқоди иҷтимоии кишвар оварда мешавад, ки ин услуби тасвир махсуси осори ҷараёни нави адаб\ аст.

Жанри дигари адабиёти маорифпарвар\ саёҳатнома мебошад. Дар адабиёти равшангарии Эрон намунаи жанри сафарномаро нависандаи номии маорифпарвар **Зайнулобиддини Марофай (1837-1910)** офаридааст, ки бо номи «Саёҳатномаи Иброҳимбек ё балои таассуби ӯ» шӯҳрат дорад. Асар аз се қисмат иборат буда, дар вақтҳои гуногун дар хориҷ аз Эрон нашр шудааст. Бино ба маълумотҳои мавҷуда қисмати аввали асар соли 1906 дар Истамбул, китоби дуюм соли 1907 ва китоби сеюм соли 1909 дар Калкутта ба табъ расидааст.

Қаҳрамони сафарномаи Мароғай на худи муаллиф, балки Иброҳимбек - ҷавони маърифатпарвару тараққихоҳ аст. Аммо ин образи худи нависанда ва ифодагари марому мақсади ӯст.

Иброҳимбек образи баде\ аст ва, аз ин рӯ, асари мавриди назар ба сафарномаи хаёл\, аниқтараш асари баде\ тааллуқ дорад. Аммо Иброҳимбек образи худи нависанда аст. Аз зиндагиномаи Зайнулобиддини Мароғай маълум аст, ки ӯ дар оилаи тоҷири озар\ ба дунё омада, пас аз марги падар бо корҳои тиҷорат машғул шудааст. Вале дар андак замон доройяшро бар бод дода, сафар Русияро ихтиёр кардааст. Бист сол дар мусофират – дар Ялта умр гузаронида, дар он ҷо забони русиро омӯхтааст ва ба ин восита бо афкори иҷтимоию маорифпарварии Русия ва Аврупо шинос шудааст. Ӯ ҳамеша дар ёди ватанаш ғусса мехӯрд, дар фикру андешаи он буд, ки бо кадом роҳу васила ба халқҳои меҳнатии азизаш, ки дар шароити тоқатфарсои фақру бечораг\ ва беҳуқуқию зулму истибдод ҳаёти талх ба сар мебаранд, дасти ёр\ дароз кунад. Ин андеша ӯро ором намегузошт. Ниҳоят вай ба хулоса омад, ки он чи дар роҳи иҷрои ин мақсад аз дасташ меояд, шояд аз ӯҳдааш бароянд. Чизе ки ӯ метавонист офаридани асаре буд, ки ба воситаи он ҳақиқатро ба мардум гӯяд, халкро аз хоби гарони ғафлат бедор намояд. Бо ин ният ӯ ба навиштани «Саёҳатномаи Иброҳимбек» сар кард. Ҳамин зиндагиномаи нависанда қариб айнан дар саргузашти қаҳрамони асар – Иброҳимбек таҷассум ёфтааст.

Қаҳрамони асар Иброҳимбек – тоҷирзодаи эронии муқими Миср, ки дар иштиёқи дидани ватан буд ба Эрон омада, ба сафари дохили мамлакат баромада, шаҳру музофотҳои онро сайр мекунад. Бо ҳаёти ҳамватанони худ аз наздик ошно мешавад, зиндаг\ ва орзуву омоли онҳоро меомӯзад. Ӯ бо ҳамватанони худ мулоқот,

сӯҳбат ва баҳсҳо мекунад, ҳикоятҳои одамонро дар бораи сарнавишти талху шӯри меҳнаткаши Эрон ва сарсону саргардониҳои онҳоро берун аз ватан барои пайдо кардани қути лоямут мешунавад. Вай зиндагии тоқатфарсои меҳнаткашон, зулму бедодии амалдорони хурду калони давлат\ ва полисҳоро, ки одамони бегуноҳ ва ҳалолкорро бераҳмона талаву тороҷ мекарданд, бо чашми худ мебинад. Ӯ ҳамаи ин дидаву шунидаҳои ҳузнангези худро ба шакли сӯҳбат ва баҳсу мунозираҳои зинда, андешаҳои мароқовар дар дафтари сафарнома сабт мекунад. Аз мутолиаи ин мулоқоту сӯҳбат ва андешаҳои қаҳрамони асар тадриҷан манзараи ғамангези воқеияти Эрони феодалии он давр пеши назар падидор мешавад. Мақсади Мароғай фақат маҳкум кардани бад\ ва зулму ситам нест. Даъват ба адлу инсоф, ҷор\ ва риояи қонун, озод\ ва баробарии одамон тарафи дигари тасвири манзараҳои риққатовари ҳаёти Эронро ташкил мекунад. Нависанда ватани худро озод, аз ҷиҳати иқтисодию фарҳанг\ мутaраққ\ ва шукуфон дидан мехоҳад.

Иброҳимбек баъд ба хориҷи ватан сафар карда, кишварҳои ҳамсояи наздик – Туркия ва Қафқозро тамошо менамояд. Дар ин кишварҳо бар хилофи қафомондагии ҳарҷонибаи ватанаш Эрон, пешрафтҳои ба назар намоёни иқтисод\ ва фарҳангиву илмиро мушоҳида мекунад ва онҳоро бо пасмондагии Эрон муқоисаву муоина менамояд. Мақсад аз таълифи сафарнома ва нахуст ба Эрону баъд ба хориҷа ба сафар баровардани қаҳрамони асар ҳамоно муқоисаи Эрони қафомондаи феодал\ бо кишварҳои нисбатан пешрафтаи хориҷ\, нишон додани бартарии ҳамаҷонибаи ҳаёти ин кишварҳо, даъват ба бедор\ аз хоби ғафлат, гаравидан ба илму фарҳанги замонав\ аст.

Зимни тасвири муқоисав\ дар сафарномаи Мароғай тарзи давлатдор\, системаи мактабу маориф, таълиму тарбия ва дар ин замина беназмию хиёнаткор\ дар доираи давлат\, муфтхӯрию риёкории рӯҳониён ва умуман режими феодалии ҳокимияти шоҳаншоҳ\ ва дигар нуқсонҳои иҷтимоии Эрон бераҳмона танқид карда шудааст. Муаллиф омили пешравию тараққ\ ва аз ботлоқи бадбахтии милл\ баромадани мамлакатро дар гузаронидани ислоҳоти амиқи сиёсию иҷтимо\ ва фарҳанг\, монанди маҳдуд гардонидани ҳокимияти мутлақи шоҳаншоҳ\, инкишоф додани илму фарҳанг, саводнок кардани халқ, ривоҷ додани тиҷорат ва саноати милл\ мебинад. Муҳаққиқон «Саёҳатномаи Иброҳимбек»-ро қомуси ҳаёти сиёсю иҷтимоии Эрони нимаи дуюми садаи нуздаҳ донистаанд.

Сафарнома ҳамчун жанри асосии адабиёти маорифпарвар\ дар адабиёти равшангарии Афғонистон низ мавқеи намоён дорад. Яке аз аввалин намунаҳои ин жанри адаб\ дар адабиёти маорифпарварии Афғонистон аз тарафи **Маҳмуди Тарз\ (1867-1933)** навишта шудааст. Асари дар ин жанр таълиф намудаи ӯ, ки «Саёҳатномаи се қитъаи рӯи замин дар 29 рӯз» ном дорад, сароғози насри бадеии муосири Афғонистон дар шумор буда, на танҳо дар ватани муаллиф, балки дар Ҳиндустону Эрон, Мовароуннаҳр ва дигар мамлакатҳои Шарқ низ шӯҳрати беандоза дорад.

Саёҳатномаи Маҳмуди Тарз\ тафсилоти воқеаю ҳодиса ва шунидаю дидаҳои муаллифро дар тӯли сафараш аз Шом то Искандария, ки барои гусели падараш ба Маккаю Мадина (ҳаҷ) ҳамроҳ\ намуда буд (дар соли 1891), фаро мегирад. Нависанда зимни нақли тафсилоти сафари худ ба се қитъаи рӯи замин: Осиё, Аврупо ва Африқо афкори иҷтимоии интиқод\, андешаҳои

тараққихоҳ\, фикрҳои истиқлолиятчўии худро ифода намудааст. Муаллиф баробари нишон додани иллату нуқсонҳои ҷамъиятии кишварҳои Шарқ пешрафти илмию мадании аврупоиёнро васфу ситоиш ва сазовори тақлиду пайрав\ медонад.

Мунозираю саёҳатномаҳои адибони маорифпарварони Эрон ва Афғонистон оҳанги тарғибот\ доранд ва барои бедор кардани эҳсоси худшиносию худогоҳии мардум: ба мақсади дар ниҳоди онҳо ҷойгир кардани саъю кўшиши илмомўз\, барои даъвати мардум ба ҳифзу омўзиши дастовардҳои тамаддуни мардуми мутараққии Ғарб таълиф шуда буданд. Корбурди амолии онҳо тақозо мекард, ки асарҳо бо забони соддаю равон ва ҳамафаҳму ҷолиб навишта шаванд. Аз рўи ҳамин талабот муаллифони мунозираю сафарномаҳо дар таълифи асарҳои худ равиши содданавис\ ва услуби публитсистии ҳамафаҳмро ба кор бурда, барои нишонрас ифода ёфтани мақсаду ғояи асарҳояшон қолаби мубоҳисаю мунозира ва ёддошту қиссаро интихоб намудаанд. Аҳамияти асарҳои дар жанрҳои номбурдаи адаб\ навишташударо, чунон ки поэтикаи нормативии адабиётамон талаб менамояд, образнокию бадеият муайян намекунад, балки қимати онҳо аз рўи мундариҷаи ғояв\ ва арзиши иҷтимоиашон таъйин мегардад.

Афкори тараққихоҳ\ ва таҷаддудгаро\ дар адабиёти Эрон ва Афғонистон гузашта аз жанрҳои махсуси адабиёти маорифпарвар\ дар жанрҳои маъмул\ ва анъанавии насри бадеии форс\ низ ифода ёфтаанд, ки инро дар мисоли жанри ҳикоя аз назар гузаронидан мумкин аст.

Бо интишори ғояҳои ҷунбиши маорифпарвар\ дар адабиёт жанри анъанавии ҳикоя таҳаввулоти ҷиддиеро аз сар гузаронид. Мафҳуми кунунии жанрии ин навъи адаб\ тавассути эҷодиёти нависандагони

маорифпарвар ба вуҷуд омад. Ғояҳои ҷунбиши маорифпарвар\ ба ин жанри адаб\ каме баъдтар аз ташаккули мунозираю саёҳатномаҳо роҳ ёфта бошад ҳам, саҳми ин жанри адаб\ дар тарғибу ташвиқи андешаҳои тараққихоҳ\ ва таҷаддудгаро\ ниҳоят калон аст.

Дар ҳикояҳои ҷудогонаи нависандагони маорифпарварони Эрону Афғонистон, аз он ҷумла Алиакбари Деҳхудо, Саид Муҳаммадал\ Ҷамозода, Содиқ Ҳидоят, Муҳаммади Ҳиҷоз\, Маҳмуди Тарз\ ва дигарон масъала ва андешаҳои ҷудогонаи тараққихоҳ\ ва таҷаддудгаро\ мавриди тадқиқи баде\ қарор ёфтааст. Аз он ҷумла дар ҳикояҳои Деҳхудо бесарусомониҳои мамлакат ва айбу фасоди корҳои давлативу маъмур\ («Паранду чаранд»), мутасалбию аҳкоми дину шариат ва ҷоҳилии онҳо («Мактуби шаҳр\», «Аз Табрез») фош гардида бошад, дар ҳикоёти Саид Муҳаммадал\ Ҷамолзода масъалаҳои вазъи ногувори забон («Форс\ шакар аст»), танпарастию риёкории намояндагони халқ («Раҷули сиёс\»), фасоди ахлоқи ашрофон («Марди ахлоқ») ва амсоли инҳо маҳкум мешавад. Дар ҳикояҳои Содиқ Ҳидоят камсаводию кӯҳнапарастии уламо ва манманию ҷоҳилии амалдорони давр («Меҳанпараст»), муаммои духтарону ҷавонон ва саргузашти ишқи моҷароҷӯёнаи онҳо гузориш ёфтааст. Дар ҳикояҳои Маҳмуди Тарз\ бошад, чун дар саёҳатномаи ӯ муаммою масъалаҳои пурзиддияти иҷтимо\ ва андешаҳои интиқодию истиқлолиятхоҳии нависанда («Тифли навзод», «Олиҷанобии аъроб» ва ғ.) ифодаи бадеии худро ёфтааст.

Чунон ки таъкид гардид, назм дар давраи мавриди назар анъанаю суннатҳои адабиро асосан маҳфуз доштааст. Бо вуҷуди ин, дар қолаби шеъри анъанав\ афкори маорифпарвар\ ва

истиқлолиятхоҳ\ низ ба андозае таҷассум гардидааст. Тарғиби ғояҳои маорифпарвар\ ва истиқлолиятҷӯ\ бештар дар жанрҳои маснавию қитъа ҷой дошта, дар қасидаю ғазал ин ҳолатро камтар дучор меоем. Шоирони ин аҳд андешаҳои тараққихоҳию маорифпарвариро дар жанрҳои қасидаю ғазал маъмулан ба воситаи образҳои анъанавии шеър\, бо рамзу киноя ва воситаҳои дигари тасвири баде\ ғунҷоиш додаанд. Аз шоирони маорифпарвари Эрону Афғонистон Фаррухии Язд\, Абулқосим Лоҳут\, Маҳмуди Тарз\ ва чанд тани дигар, беш аз ҳама муваффақ гардидаанд, ки дар жанрҳои анъанавии ғазалу қасида фикрҳои тараққихоҳиву истиқлолиятҷӯиро ғунҷоиш диҳанд.

Ба ин тариқа,

**АДАБИЁТ:**


1. Абдулҳусайн Зарринкӯб. Аз гузаштаи адабии Эрон, 1375, 588 с.
2. Асозода Х. Адабиёти форсӣ ва се шохаи он, Душанбе, 1991, 128 с.
1. Беранги Кӯҳдоманӣ. Тулӯъи сабзи шукуфтан. Душанбе, 1991, 80 с.
2. Бертелс Е.Э. Избранные труды. - История литературы и културы Ирана. Москва, 1988, с.437-518.
3. Ваҳшии Бофақӣ. Баргузидаи ашъор, Теҳрон, 1369, 46 с.
4. Гулчине аз осори Урфии Шерозӣ. - Шарқи Сурх, 1963, № 11, с.73-80.
5. Истории персидской и таджикской литературы. Под редакцией Яна Рипка, Москва, 1970, 440 с.
6. Маҳмуди Тарзӣ. Ғазалиёт. Мунтахаби наср, Мустағнӣ. Ғазалиёт, Душанбе, 1992, 256 с.
7. Муҳаммад Исмоили Сиёҳ. Саг ва шағол, Душанбе, 1989, 128 с.

8. Муллоаҳмадов М. Фурӯғии Бастомӣ ва ғазалиёти ӯ, Душанбе, 1987, 88 с.
9. Муллоаҳмадов М. Қоонии Шерозӣ (ҳаёт ва эҷодиёт), Душанбе, 1992, 160 с.
10. Ғоибов М. Аз таърихи равшангарии Тоҷикистон ва Афғонистон, Душанбе, 1979, 208 с.
11. Нозими Ҳиротӣ. Осори мунтахаб, Душанбе, 1987, 400 с.
12. Саъдиев С. Адабиёти тоҷик дар асри ХУП, Душанбе, 1985, 265 с.
13. Соиби Табрезӣ. Мунтахабот, Душанбе, 1980, 704 с.
14. Фаррухии Яздӣ. Дар талаби озодӣ. - Душанбе: Ирфон, 1980.
15. Чанд марсия аз шоирони порсигӯй, Теҳрон, 1365, 124 с.
16. Эрач Мирзо. Осори мунтахаб, Душанбе, 1963, 360 с.
17. Яғмои Чандақӣ. Баргузидаи ашъор, Теҳрон, 1365, 86 с.
18. Ҳаким Фаёзи Лоҳичӣ. Баргузидаи ғазалҳо. Теҳрон, 1382, 148 с.
19. Ҳикояҳои нависандагони муосири Эрон. Иборат аз ду чилд. Чилди якум, Душанбе, 1988, 336 с.

М У Н Д А Р И Ч А

Муқаддима................................................. ............................

Адабиёти аҳди Сафавия...........................................................

Адабиёти Эрон дар нимаи дуюми асри ХУШ.........................

Аҳволи сиёсию иҷтимоӣ ва маданию адабии эрон дар асри Х1Х.............................................................................................

Адабиёти маорифпарварии Эрон ва Афғонистон ................

Адабиёт..............................................................................

## **МАТНҲО**

### ***ЛИСОНИИ ШЕРОЗӣ***

На бо ту дасти ҳавас дар камар тавон кардан,
На орзуи ту аз дил бадар тавон кардан.
На аз паи ту тавон омадан зи бими рақиб,
На бе ту рӯ ба диёри дигар тавон кардан.
Биё, ки гиряи ман он қадар замин нагзошт,
Ки аз фироқи ту хоке ба сар тавон кардан...
Лисонӣ аз паи васлат агар зиёде равад,
Матои зиндагиаш мухтасар тавон кардан.

Чун дилбари наълбанд саркаш бошад,
В-аз чоми шароби ҳусн сархуш бошад.
Гӯянд, ки ба харза оҳани сард макӯб,
Бо он, ки маро наъл дар оташ бошад.

***ФАЁЗИ ЛОҲИЧӢ***

Эй сурма карда аз ноз чашми ғизолаҳоро,
Аксат биришта дар ҳусн рухсори лолаҳоро.
Меҳри бутон навишта дар синаҳои ушшоқ,
В-аз доғи ишқ карда мӯҳр ин қаболаҳоро.
Аз дард карда дармон дилҳои дардмандон.
В-аз заъф дода қувват парвози нолаҳоро.
Ҳангомасози ишқ аст ҳар чо, ки маҷлис орост,
Кард аз нигоҳи соқӣ пурмай пиёлаҳоро.
То дар китоби ишқат кардам савод равшан,
Ҳам дар хӯи хичолат шустам рисолаҳоро.
Дар мағзи сунбулистон печида дуди савдо,
Ё раб, ки шона карда мушкин калолаҳоро.
То чеҳраҳои сабзон хӯ карда дид аз шарм,
Нилуфари фалак рехт бар хок жолаҳоро.
Ҳусн аз кӣ нашъа дорад ёраб, ки даст печад.
Як тифли ҳафтсола ҳафтодсолаҳоро?
Бо бӯи дӯст Файёз! Имшаб ба боғу саҳро,
Аз рашк доғ кардам гулҳову лолаҳоро.

Ғунчаро аз ҳасрати лаъли ту дил дар бар бисӯхт,
Рашки ёқути лабат хун дар раги гавҳар бисӯхт,
Ҳасрати базми ту хуршеди фалакро доғ кард,
Партави шамъи ту ин парвонаро ҳам пар бисӯхт.
Баски бо ёди лабат лабҳои худро мемакид,
Оби ҳасрат дар даҳон чашмаи кавсар бисӯхт.
Ёраб ин оташ, кӣ бар мо зад? Кӣ баъд аз сӯхтан,
Гармии хокистари мо паҳлӯи ахтар бисӯхт,
Дошт чашми оинаи хуршед бар хокистарам,
Ғайрати ишқи ту з-онам мушти хокистар бисӯхт.
Дар таҳи пироҳани хокистари худ доштем,
Он қадар оташ, ки дил то домани маҳшар бисӯхт.
Шаб, ки бе Файёз дар базми ту соғар мезадам,
Шиша аз табхолаи ҳасрат лаби соғар бисӯхт.

***ВАХШИИ БОФҚӢ***

Ман он мурғам, ки афкандам ба доми сад бало худро,
Ба як парвози беҳангом кардам мубтало худро.
На дасте доштам бар сар на пое доштам дар гил,
Ба дасти хеш кардам инчунин бе дасту по худро.
Чунон аз тарҳи вазъи нописанд худ гурезонам,
Ки гар дастам диҳад аз хеш ҳам созам ҷудо худро.
Гар ин вазъаст метарсам, ки бо чандин вафодорӣ,
Шавад лозим, ки пешат вонамоям бевафо худро.
Чу аз изҳори ишқам хешро бегона медорӣ,
Намебоист кард аввал ба ин ҳарф ошно худро
Бубин вақте ки дар хуноби ҳасрат монд по дар гил,
Касе, к-ӯ бигзаронди ташна аз оби бақо худро.

Қадри аҳли дард соҳибдард медонад, ки чист,
Марди соҳибдард дарди мард медонад, ки чист.
Ҳар замон дар маҷмае гардӣ чӣ донӣ ҳоли мо,
Ҳоли танҳогард танҳогард медонад, ки чист?!
Ранҷи онҳое, ки тухми орзуе киштаанд,
Он ки нахли ҳасрате парвард медонад, ки чист?!
Оташи сарде, ки бигдозад даруни сангро.
Ҳар киро будаст оҳи сард медонад, ки чист?!
Бозии ишқаст к-ин ҷо оқилон дар шашдаранд,
Ақл кай мансубаи ин нард медонад, ки чист?!
Қатрае аз бодаи ишқаст сад дарёи заҳр,
Ҳар ки як паймона з-ин  мехӯрд, медонад, ки чист?
Вақти он касро, ки хуне чанд рафт аз роҳи чашм,
Иллати осори рӯи зард медонад, ки чист?

Мани андӯҳгинро қасди ҷон кардӣ, накӯ кардӣ,
Рақибонро ба қатлам шодмон кардӣ, накӯ кардӣ.
Ба кунҷи кулбаи вайрони ғам, навмедиям афкандӣ,
Маро бо ҷуғди меҳнат ҳамзабон кардӣ, накӯ кардӣ.
Зи кӯи хештан рондӣ маро аз санги маҳрумӣ,
Зи дастат он чи меояд, чунон кардӣ, накӯ кардӣ.
Шудӣ аз меҳрубони дӯст бо ағёру бад бо ман.
Маро охир ба коми душманон кардӣ, накӯ кардӣ.
Чу Ваҳшӣ рондаи аз кӯи хешам офарин бар ту,

Мани саргаштаро бехонумон кардӣ, накӯ кардӣ.

Пайвастани дӯстон ба ҳам осон аст,
Душвор буридан асту охир он аст.
Ширинии васлро намедорам дӯст,
Аз ғояти талхие, ки дар ҳичрон аст.

## *ҲАЙРАТИИ ТУНӢ,*

Вақти он омад, ки осояд сипеҳри бемадор,
Чун замин дар сояат эй сояи паравардигор.
Подшоҳо муддати нӯҳ моҳ шуд, к-ин нотавон
Монда дар Қазвин харобу хаставу мачрӯҳу зор.
Ёфтам вазъи тасаннун дар вазеъу дар шариф,
Дидам осори таҳарруч дар сағору дар кабор.
Дар макобир пай шуста аз фақиру аз ғанӣ,
Дар масочид даст баста аз ямину аз ясор.
Дар замони чун ту шохе даст бастан дар намоз,
Ҳаст коре даст баста эй шаҳи олитабор.
Кушта гардида зи теғи шоҳи ғозӣ ҳар дуро.
Ҳам бародар, ҳам падар, ҳам ёру ҳам хешу табор...
Қатли оме гар набошад, қатли хосе метавон,
Хосса аз баҳри ризои ҳазрати парвардигор.
Нестанд инҳо раоёе, ки бошад қатлашон.
Мучиби таҳфифи молу монеи харчи диёр.
Балки ҳар як маблағе аз моли девон мехӯранд,

Сарбасар соҳибсуюрғоланду ҳам идрордор.

### ***ЗОРИИ ИСФАҲОНӢ***

Ассаллом, эй аҳли Исфаҳон, шуморо бандаам,
Ришдору амраду шоҳу гадоро бандаам.
Мир Фазлуллоҳ оши шабниҳода мехӯрад,
Ҳадди амсоку камоли иштаҳоро бандаам.
Чашм бар моли касон дорад Ҳасаншоҳи нақиб,
Беҳаёиҳои чашми беҳаёро бандаам.
Эй сабо аз ман ба гӯши ҳазрати қозӣ бигӯ,
Турраи заррини дастори Шуморо бандаам.
Шуд Алӣ маншори зор боби камол аз моли вақф,
Шайхи ислому вакили подшоро бандаам.
Пур бузургӣ мекунад ҳар курраи меҳтар камол,
Худфурӯшии сиёҳи камбаҳоро бандаам.
Ҳазрати Мирзо бароҳиму бародар ҳар чаҳор,
Дарду маргу бакмаву ранчу балоро бандаам.
Хочаи Каҳра вазири соҳибистиқлоли мост,
Чашми сабзу риши ҳамчун қаҳраборо бандаам.
Зайниддин оқои хоча хусяе дорад бузург,
Аз барои дардмандон муттакоро бандаам.
Шах Тақиуддини бо лутфу карамро ходимам,
Мири мирон соҳиби чуду саҳоро бандаам...
Аз паи дафъи Алоуддин Ҳусайн аз рӯи сидқ,
Он ки хоҳад хонд такбири фаноро бандаам.

Мири Куфронро басар ҳар дам ҳавои санъат аст,
Он хари полони сар дар ҳаворо бандаам.
Меҳрам афзун шуд ба хати мирзои рангрез,
Гирди он лаб хатти чун меҳригиёро бандаам.
Хуш ба ҳам хӯ кардаанд оқо Ғиёсу Миракӣ,
Ин вафои ҳусну он ҳусни вафоро бандаам.
Мукрии масчид ғарибонро кашад бар пушти худ,
Тоаташ ин асту мегӯяд худоро бандаам.
Миракӣ дар хидмати муставфии соҳибмазоқ,
Ҳам зан асту ҳам бародарзан ҳаёро бандаам.
Риши зарду чеҳраи теғии Сурхиддин малик,
Чорпои аблақи дам дар каноро бандаам.
Хандаи бечои Қозипур хеле ганда аст,
Ишваҳои зишти қозизодаҳоро бандаам.
Аз касе боке надорам, ҳар ки хоҳад гӯ ба ранч,
Подшоро ман дуогӯву худоро бандаам.

## *ОГАҲИИ ХУРОСОНӣ*

Арсаи шаҳри Ҳарӣ рашки сипеҳри анвараст,
Даргаҳашро шамсаи хуршед гулмехи зар аст.
Чурми тин як мушт хок аз хокрези хандакаш,
Наргиси боғи ҷаҳонорои ӯ ҳафт ахтараст.
Пойтахти садҳазорон хусрави гетикушост,
Кӯҳнатаърихи басе шоҳони анҷумлашкар аст.
Чархи качрав бин, ки аз таъсири ӯ шаҳре чунин,
Маскани чамъе парешонрӯзгори абтар аст...

Бар Муин бин к-аз нишонҳои начосат сад ҳазор,

Ахтари бад з-обила бар рўи он бадахтар аст.

Рўи зишташ аз касофат матбахи Намрўдро,

Кўҳна кафгирест, лекин лоиқи хокистар аст...

Аҳмади Отун гаҳе сунъй гаҳе шей бувад,

Чун ғаливоже, ки шаш маҳ модаву шаш маҳ нар а

***УРФИИ ШЕРОЗӣ***

Ҳар ки ҳирсаш гом зад, комаш раво ҳаргиз нашуд,

Ҳар ки султони қаноат шуд, гадо ҳаргиз нашуд.

Коми чонам дар миёни обу оташ ҳозир аст,

Ҳар ки боҳиммат бароядд, бенаво ҳаргиз нашуд.

Бандаи тамкини дил гардам, ки дар роҳи вафо.

Сели ғам ҳарчанд афзун шуд, зи чо ҳаргиз нашуд.

Не ҳамин дил ёфтаст аз каъбаи ишқат сафо,

Ҳар чи дар ин чашма шустам бесофо ҳаргиз нашуд.

Ҳаргизат дар дил наёяд, к-ин парешонрўзгор

Шармсор аз як нигоҳи ошно ҳаргиз нашуд.

Баски ин дард аз ману дил душмани осоиш аст,

Сад мараз беҳ гашт, Мачнунро шифо ҳаргиз нашуд.

Дар ҳавои порсой, Урфй, аз ҳар маъсият

Гашт сад раҳ тоиб, аммо порсо ҳаргиз нашуд.

Нодон ба иморати бадан машғул аст,

Доно ба карашмаи сухан машғул аст,

Сўфй ба фиреби марду зан машғул аст,

Ошиқ ба ҳалоки хештан машғул аст.

То кас зи туву ту аз касе нахрушй,

Бояд, ки зи Урфй суханае бинюшй,

Шаҳде надиҳй, ки ханзале бистонй.

Дарде нахарй, ки марҳаме бифрўшй.

Урфй суханат гарчи муамморанг аст,

В-ин замзамаро ба захми ёрон чанг аст,

Бихрўш, ки мурғони ҳаром медонанд,

К-ин нағмаи ноқус кадом оҳанг аст.

***СОИБИ ТАБРЕЗӣ:***

Чон ба лаб дорему ҳамчун субҳ хандонем мо,

Дасту теғи ишқро захми намоёнем мо.

Метавон аз шамъи мо гул чид дар саҳрои қудс,

Зери гардун чун чароғи зери доманем мо.

Гарчи дар зоҳир чароғи мо зи зангори ғам аст,

Аз тараб чун писта зери пўст хандонем мо.

Бар бисоти бурё сайри ду олам мекунем,

Бо вуҷуди найсаворй барқчавлонем мо...

Рўзии моро зи хони серчашмй додаанд,

Бениёз аз нозу неъматҳои алвонем мо.

Ҳалқаи чашми ғизолон халқаи занчири мост,

Доим аз роҳи назар дар банди зиндонем мо.

Давлати бедор гарди чилваи шабранги мост,

Аз сафои сина субҳи покдоманем мо.

Чашми мо чун зоҳидон бар меваи фирдавс нест,

Ташнаи бўе аз он себи занахдонем мо...
Аз шабехуни хумори субҳдам осудаем,
Мастии дунболадори чашми хубонем мо.
Хирқа аз мо меситонад нофаи мушкиннафас,
Аз ҳаводорони он зулфи парешонем мо.
Соҳиби номанд аз мо оламу мо тирарўз,
Чун нигин дар халқаи гардуни гардонем мо.
Гарчи дар назми ҷаҳон коре намеояд зи мо,
Аз ҳадиси рост сарви ин гулистонем мо.
Гар чароғи базми олам нест, Соиб, килки мо,
Чун зи бахти тира доим дар шабистонем мо.

Ин ки гоҳе мезадам бар обу оташ хешро,
Равшани дар кори мардум буд мақсудам чу шамъ.

Бар муроди дигарон аст маро сайру сукун,
Мезанам ҳарф, зи худ нест хабар чун қаламам.

Пеш аз ин бар рафтагон афсўс мехўрданд халқ,
Мехўранд афсўс дар айёми мо бар мондагон.

Шеваи очизкушй аз хусравон зебанда нест,
Бе такаллуф, ҳилаи Парвиз номардона буд.

Пашша аз шабзиндадорй хуни мардум мехўрад,
Зинҳор аз зоҳиди шабзиндадор андеша кун.

Бе тараддуд домани рўзи намеояд ба даст,

Мекунад бо кохилон ин нуқта талқин осиё.

Бар ҳадаф дасте надорад тир бе зӯри камон,
Ҳиммати пирон ҷавононро ба манзил мебарад.

Дар сухан гуфтан хатои чоҳилон пайдо шавад,
Тир кач чун аз камон берун равад расво шавад.

Даъвии дониш бувад, Соиб, ба нодонӣ далел,
Ҳар ки нодон мешуморад хешро, донотар аст.

То ба ҳамворӣ барояд кор, дар тундӣ макӯш,
Бад хуморе дорад аз пай ин шароби хомчӯш.

Метаровад маи гулгун зи рагу решаи мо,
Пеши хум гардани худ ҳам накунад шишаи мо.

Ақл комил мешавад аз гарму сарди рӯзгор,
Обу оташ мекунад соҳиббуриш шамшерро.

### ***НОЗИМИ ҲИРОТӢ***

Ҳаргизам дил дар ҳавои нафс болафшон накард,
Пашшаи ҳирсам шикори фили Ҳиндустон накард.
Бар дари бегонаи ғурбат нагаштам чабҳасо,
Гар ватан точам надод, ин бас ки саргардон накард.
Нест лоиқ шиква кардан аз падар фарзандро,
Нестам дилгир агар дилчӯиям Эрон накард.
Орзуҳоро ба ёди марг дар дил киштаам,

Ҳеч кас душворҳо бар худ чу ман осон накард.
Чуз хароши сина суде дар талоши ҳирс нест,
Кашфи ин сурат ба чуз оинаи суҳон накард.
Оби дарёро латофат селу борон кай диҳад,
Чораи идбори зоти чуд ё эҳсон накард.
Комёб аз осиёи осмон берун нарафт,
Ҳар ки гарди устухони хеш дар анбон накард.
Доғ бар гирди сарам чун барги гул пар мезанад,
Ҳеч булбул нолапардози бад-ин дастон накард.
Сад дили шамъ он ки дар ҳар синае тартиб дод,
Баҳри Нозим чуз сари шӯридае сомон накард.

## *ЯҒМОИ ЧАНДАҚӢ*

Шуд фош дар офоқам овозаи шайдой,
Маъруфи чаҳон гаштам аз давлати расвой.
Хайр эй дили девона к-аз баҳри ту мегарданд,
Вайрона ба вайрона тифлони тамошои.
Вақт аст, ки хун гардад, бим аст, ки хун гирям.
Дил аз ситами танҳо аз ғами танҳои.
То чанд ба давронат тай хоҳаму хун нӯшам,
Об турбати хун бод эй соғари минои.
Фармуд табиб имрӯз тачвиз ба гулкандам,
Фаҳш аз чи намегӯи, лаб аз чи намехои.
Гуфти, ки шавам сармаст гирам бо ду бусат даст,
Аз баҳри чи хоҳи баст аҳде, ки намепои.
Ёри ману ёри ту он ғоибу ин ҳозир,
Яғмо ману хомӯши булбул туву гӯёи.

Ххх

Ошўб ба ҳам барзада ҳарроти чаҳонро к-имшаб шаби қатл аст,
Ҳангомаи ҳашр аст заминрову замонро к-имшаб шаби қадр аст.
Бо он ки дар ин манзара к-он торуми улвист, в-аз ранч нишон нест,
Оварда бубин дидаи Кайвон яраконро к-имшаб шаби қатл аст...
Ноҳид, ки дар базм шухуд омада бо чанг барбат зада бар санг,
В-аз пардаи дил раҳ зада оҳанги фиғонро к-имшаб шаби қатл аст...
Тир он ки ба тумор ниҳад дафтари кайҳон з-он даст парешон,
К-аз бахти тамизе накунад суду зиёнро к-имшаб шаби қатл аст...
Маҳро, ки чаҳон гар ҳама пурмотаму шур аст ўро шаби шўр аст
Бар карда ба тан қисвати мотамзадагонро к-имшаб шаби қатл аст.

Xxxx

Не ҳамин дар чораркон шаш ҷиҳат мотам бапост
Кай равост
Сарнагун карди фалак,
З-ин азо хишмат замин то ба фалак мотаморост
Кай равост
Сарнагун карди фалак.
Бат қудрат косиру доми гирифтори баланд
З-ин каманд
Нои озоди ба банд,
Дасти фитна рўди хунпойи амон андар ҳиност
Кай равост
Сарнагун карди фалак...

Xxx

Зодаи зўҳро нигар (       ) ба коми зодаи Марвон нигар,
Оҳ-оҳ гардиши даврон нигар,

Он ба иззат ин ба кори ин бубину он нигар,

Оҳ-оҳ, гардиши даврон нигар

Аҳли Марвон теғ бар каф От ёсин накди чон,

З-ину он гар назар дори аён,

Нафйи ҳақ исботи ботил куфр бин имон нигар,

Оҳ-оҳ, гардиши даврон нигар...

Ххх

Гӯш агар гӯши туву нола агар нолаи ман,

Он чи, албатта, ба чое нарасад, фарёд аст.

Ххх

Намегӯям ба базмам бош, соқи, май ба мино кун,

Чу бо ёрон каши май, ёди хуношомии мо кун...

Ба ман аз моли олам як тахаллус монда Мачнун аст,

Ба кор ояд гар, эй Лайливаш онро низ Яғмо кун.

ҚООНИИ ШЕРОЗИ:

Даҳр чун найранг созад, чарх чун дастон кунад,

Мағзро ошуфта созад, ақлро ҳайрон кунад.

Он кулоҳи номуроди бар сари доно ниҳад,

Ин кабои комрони бар сари доно ниҳад.

Гоҳ он бар хории доно дусад бӯҳтон занад,

Гоҳ ин бар ёрии нодон дусад бурҳон кунад.

Гаҳ ба кини Носири Хисрав фурӯ бандад камар,

То мар ӯро дар Бадахшон маҳбас аз Юмғон кунад.

Ххх

Марде, ки ҳарис омад, ҳаргиз нашавад қонеъ,

Аз луқмаи гуногун в-аз чомаи рангоранг.

ФУРӮҒИИ БАСТОМИ:

Маро бо чашми гирён офариданд,

Туро бо лаъли хандон офариданд.

Ҷаҳонро тирарӯ эҷод карданд,

Туро хуршеди тобон офариданд...

Парешон зулфи ту то чамъ гардид,

Дили чамъе парешон офариданд...

Фурӯғиро шабе парвона карданд,

Ки он шамъи шабистон офариданд.

Ххх

Офият хоҳи заминбӯси дари майхона бош,

З-он ки май дафъи балои осмони мекунад.

Ххх

Гар ту зебосанам аз дайр дарои ба ҳарам

Кофар он аст, ки оташ назанад Қуръонро.

Ххх

Вой бар холи гирифторе, ки дасти рӯзгор,

Дасти ӯ мегираду бар дасти ҳаҷрат медиҳад.

Ххх

Хотири озодагон банди каму беш нест,

Мардуми кӯтаҳназар дар ғами бешу каманд.

Ххх

Гар туро точи намад бар сар ниҳад султони шӯх,

Кай ба сар дигар ҳавои афсари Кай мекуни?!

Ххх

Мардони худо пардаи пиндор дариданд,

Яъне ҳама чо ғайри худо ҳеч надиданд.

Ххх

Пай ба маъни бурдаам дар олами суратпарасти,

Гар ту маҳви сурати, ман моти суратоваринам.

Ххх

Гар орифи ҳақбини, чашм аз ҳама барҳам зан,
Чун дил ба яке доди, оташ ба ду олам зан.
Ҳам нуқтаи ваҳдатро бо шоҳиди якто гӯ,
Ҳам бонги аналҳақро бар дори муаззам зан.

Ххх

Рӯзи торику шаби тираву иқболи сиёҳ,
Ҳама з-он ҳолу хату турраи мушкин дорам.

Ххх

Эмин аз тири нигоҳи ту дили зоре нест,
Мардумозортар аз чашми ту бемори нест.

## АЛИАКБАРИ ДЕҲХУДО

Алиакбари Деҳхудо соли 1878 дар Теҳрон ба дунё омадааст. Падараш Хонбобо аз аҳли Қазвин буда, чанд сол қабл аз таваллуди фарзандаш ба Теҳрон кӯчидааст.

Деҳхудо пас аз гирифтани таҳсили ибтидоӣ дар назди шайх Ғуломҳусайни Баручардӣ аз улуми динӣ таҳсил мегирад. Сипас, ба мадрасаи сиёсӣ дохил шуда, дониши худро такмил медиҳад.

Ҳамроҳ бо сафири Эрон дар кишварҳои Балкан Муовинуддавлаи Ғаффорӣ ба сафари Аврупо меравад. Ӯ ду сол дар Вена зиндагӣ карда, дар баробари корҳои давлатӣ ба омӯхтани илму дониш машғул мешавад ва забони франсавиро меомӯзад. Соли 1907 ба Эрон бармегардад ва бо кормандони маҷаллаи «Сури Исрофил» шиносо шуда, сардабирии он маҷалларо ба ӯҳда мегирад. Дар гӯшаи «Чаранду паранд»-и маҷалла ҳикояву фелетон ва мақолаҳои танқидии Деҳхудо бо тахаллус ва исмҳои мустаори Даху, Даху Алишоҳ, Ходимулфуқаро, Даху Алӣ, Раиси анҷумани

лоту лутҳо, Нахӯди ҳама ош, Ӯёрқулӣ, Озодхони Карандӣ, Саги Ҳасан-далла, Хармагас ба табъ мерасанд.

Пас аз он ки Муҳаммад Алишоҳ ба сари тахт омад ва таъқиби озодихоҳон авҷ гирифт, Деҳхудо ба Париж рафт. Аз он ҷо ба Шветсария ва Туркия сафар намуда баъди сарнагун шудани ҳукумати Муҳаммад Алишоҳ ба Эрон баргашт ва намояндаи мардуми Теҳрон ва Кирмон дар Маҷлиси шӯро интихоб гардид.

Дере нагузашта гӯшанишинӣ ихтиёр карда ва аз корҳои сиёсӣ дур гашта ба фаъолияти илмиву адаб\ ва фарҳангӣ машғул шуд. Сӣ соли охири умрашро Деҳхудо ба эҷоди асари бузургҳаҷми худ «Луғатнома» сарф намуд. Ӯ соли 1956 аз ҷаҳон чашм пӯшидааст.

## САИД МУҲАММАДАЛЙ ҶАМОЛЗОДА

Ҷамолзода 23 январи соли 1892 дар Исфаҳон таваллуд ёфтааст.Падари ӯ Саид Ҷамолуддин мутахаллис ба Садрулмуҳаққиқини воиз аз арбобони машҳури ҷамъиятии замони инқилоби Эрон буд, ки соли 1908 аз тарафи Муҳаммад Алии Кочор дар зиндон кушта шуд. Модари нависанда ҳам аз авлоди ашрофони қадимии Эрон буд.

Соли 1908, пеш аз ба зиндон афтодан падараш Ҷамолзодаро ба Лубнон мефиристад, ки ӯ дар наздикии Бейрут дар мактаби воизони насронии франсавй мехонад. Шуғли адабии ӯ аз солҳои мактабй сар мешавад. Дар рӯзномаҳои мактаб шеърҳои ӯ чоп мешаванд. Баъди хатми мактаб августи соли 1910 Ҷамолзода барои давом додани таҳсил ба Аврупо меравад – аввал дар Швейцария, баъд дар Франция мехонад. Соли 1914 дар Дижон ӯ шӯъбаи адлияи донишкадаро хатм менамояд. Баъди хатми таҳсил дар Франция – муддате ба сахтй рӯз мегузаронад. Дар солҳои аввали чанги якуми

ҷаҳонӣ Ҷамолзода ба Берлин меояд ва марти 1915 ба Бағдод меравад ва дар он чо рӯзномаи «Растухез»-ро таъсис мекунад. Аз Бағдод ба Истамбул меравад ва дар он чо низ рӯзномае ба номи «Ховар» нашр менамояд. Моҳи маи 1918 Ҷамолзода боз ба Берлин бармегардад. Дар ин чо дар атрофи мачаллаи «Кова» як гурӯҳ зиёиёни эрон\ бо сардории Ҳасан Тақизода, Муҳаммади Қазвинӣ ва дигарон чамъ шуда буданд. Ӯ ҳам ба ин гурӯҳ дохил мешавад. Ҷамолзода ба мачалла ҳамкорӣ карда тез-тез дар саҳифаҳои он мақолаву ҳикояҳои худро чоп мекунад. Январи соли 1921 дар «Кова» яке аз аввалин ҳикояи ӯ «Форсӣ шакар аст» чоп мешавад ва баъд аз он яке аз мачмӯаи аввалини ӯ «Яке буд, яке набуд» аз чоп мебарояд. Соли 1921 мачаллаи «Кова»-ро мебанданд. Ба ин сабаб нависанда барои таъмини маош дар Берлин мутарчими сафоратхонаи Эрон мешавад. Соли 1927 дар Берлин бо номи «Илм ва ҳунар» мачаллаи наве таъсис намуда дар саҳифаҳои он се ҳикояи худ «Душмани хунин», «Паланг», «Навпараст»-ро ба табъ мерасонад. Мачалаи «Илму ҳунар»-ро соли 1928 мебанданд. Соли 1931 нависанда ба Женева рафта корманди Ташкилоти Байналхалқии Меҳнат мешавад.

Соли 1942 дар Теҳрон мачмӯаи дуввуми ӯ «Шоҳкор» ё худ «Аму Ҳусайналӣ» аз чоп мебарояд. Солҳои чилум барои Ҷамолзода солҳои сермаҳсул буданд. Паси ҳам дар Эрон повестҳои ӯ «Дорулмачонин» (1942), «Саҳрои махшар» (1944), «Култашан дивон» (1945), «Роҳобнома» (1947) ба табъ мерасанд. Соли 1944 ӯ повести ҳасбиҳолии худро бо номи «Сару таҳи як қарбос»-ро менависад. Солҳои 50-60 нависанда боз ба таълифи асарҳои ҳаҷман кӯтоҳ ҳикоя, драмаҳо машғул мешавад. Соли 1959 нависанда, адиб мачмӯаи нави худ бо номи «Кӯҳна ва нав»-ро менависад, ки ба он

инчунин ҳикояҳои охирини ӯ низ дохил мешаванд. Соли 1961 мачмӯаи ҳикояҳои ӯ «Ғайр аз худо ҳеч кас набуд» аз чоп мебарояд. Соли 1965 нависанда ҳикояҳои солҳои охири худро дар мачмӯаи «Осмону ресмон» гирд оварда чоп мекунад. То солҳои наздик Ҷамолзода дар шӯъбаи тарчумашиносии Университети Женева забони форсиро дарс медод.

## САИД НАФИСӢ

Саид Нафисӣ 8 июни 1886 дар оилаи табиб ва донишманди маъруф Алиакбари Нафисӣ ба дунё омадааст. Ӯ таҳсили ибтидоиро дар дабиристони «Шараф», ки падараш таъсис карда буд, оғоз намуда, дар яке аз мактабҳои миёнаи Швецария ба поён расондааст. Сипас, дар донишгоҳи Сорбон факултети филологияро хатм намудааст. Пас аз баргаштан ба Эрон дар мактабҳои миёна муаллими забони франсавӣ будааст.

Соли 1918 ба вазорати кишоварзӣ ва тичорат ба кор даромада, муҳарририи мачаллаи «Фалоҳат ва тичорат»-ро ба ӯҳда мегирад. Сипас, ба вазифаҳои дигар гузашта, дар омӯзишгоҳу мактабҳои гуногун дарс медод. Соли 1934 бо таъсиси донишгоҳи Теҳрон Саид Нафисӣ профессори факултетҳои ҳуқуқ ва адабиёт таъин мегардад. Аз соли 1935 бошад, ӯ узви Фарҳангистон (Академия) интихоб мешавад. Солҳои 1950-1960 дар донишгоҳҳои Кобул, Бомбай, Банорас, Ҳайдаробод, Деҳлӣ, Алигарх, Калкутта, Мадрас, Коҳира ва Бейрут ба тадрис машғул мешавад. Вай борҳо ба шаҳрҳои гуногуни СССР ва аз ҷумла ба Душанбе сафар кардааст. Ӯ доктори ифтихории Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин мебошад.

Ӯ 4 ноябри 1966 дар беморхонаи советӣ дар Теҳрон вафот мекунад.

Фаъолияти эҷодии Саид Нафисӣ бо рӯзноманигориву тарчумонӣ шурӯъ шудааст. Хидмати ӯ махсусан дар нашри мачаллаи «Паёми нав», ки муҳарририи онро ба ӯҳда дошт, хеле калон аст. Дар ин мачалла мақолаҳои зиёде доир ба масъалаҳои гуногуни адабиёти форсу тоҷик, адабиёти классикӣ ва советии рус, инқилоби Октябр ва инкишофи маданияти халқҳои советӣ ва амсоли инҳо ба табъ расидаанд, ки аксари онҳо ба қалами худи муҳаррир тааллуқ доштанд.

Саид Нафисӣ пеш аз ҳама ҳамчун адабиётшинос маъруф аст. Асарҳои сершумори ӯ доир ба Абӯабдулло Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Ибни Сино, Аттор, Авроқӣ, Ибни Ямин ва дигар классикони адабиёти форсу тоҷик саҳми бузурге дар илми шарқшиносӣ ба шумор меравbooking.

Саид Нафисӣ нависанда ва шоири шинохта низ ба шумор меравад. Ӯ дар шаклу жанрҳои анъанавии назми форсӣ, аз қабили қасида, ғазал, рубоӣ шеърҳои зиёде сурудааст. Асарҳои насрии нависанда низ дар Эрон шӯҳрат доранд. Махсусан романи ишқии ӯ «Фарангис», романи ҳаҷвиаш «Дар нимароҳи биҳишт» ва ҳикояҳои дар мавзӯъҳои таърих\ таълифкардаи нависанда писанди хонандагони зиёд гардида, борҳо ба нашр расидаанд.

Хидмати Саид Нафисӣ дар пешрафти соҳаҳои гуногуни адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, таърих ва фарҳанги Эрон, инкишофи робитаҳои мадан\ ва дӯстии халқҳои Эрону СССР хеле калон аст.

## СОДИҚ ҲИДОЯТ

Содиқ Ҳидоят 17 феврали 1903 дар Теҳрон таваллуд ёфтааст. Падари ӯ Ҳидоятқулӣ Эътизодулмулк шавқу ҳаваси писарашро аз хурдсолӣ ба илму дониш чалб менамояд. Содиқ соли 1925 мактаби

франсавии Сен-Луии Теҳронро хатм карда, барои идомаи таҳсил ба Белгия меравад. Соли 1926 ӯ ба Франция раҳсипор мегардад. Дар ин чо бо забон ва адабиёти франсавӣ ошноии амиқ пайдо карда, ба навиштани ҳикоя низ шурӯъ менамояд. Соли 1930 ба ватан баргашта, ба корҳои адабиву эҷодӣ машғул мешавад. Худи ҳамон сол аввалин мачмӯаи ҳикояҳои Содиқ Ҳидоят «Зинда ба гӯр» ба чоп мерасад.

Содиқ Ҳидоят солҳои гуногун дар Банки миллии Эрон, идораи иқтисод, идораи мусиқӣ ва дар Донишкадаи ҳунарҳои зебо дар вазифаҳои гуногун кор кардааст.

Ӯ ба кишварҳои гуногуни Аврупо ва Ҳиндустон сафар кардааст. Соли 1944 ба Тошкент омада, дар чашни Университети давлатии Осиёи Миёна ба номи В.И.Ленин ширкат меварзад.

Содиқ Ҳидоят аз беадолативу бесомониҳои кишвараш ба танг омада, охири соли 1950 боз ба Париж меравад. Ниҳоят ӯ 9 апрели соли 1951 бо худкушӣ ба зиндагии худ хотима медиҳад.

Содиқ Ҳидоят аз зумраи бузургтарин нависандагони муосири Эрон буда, дар инкишофи насри реалистии форсӣ саҳми калон гузоштааст. Ӯ махсусан, дар эҷоди ҳикоя ва повест устоди беназир буда, асарҳои маъруфаш дар мачмӯаҳои «Се қатра хун», «Срли равшан», «Ҳочӣ-оқо», «Саги велгард», «Буфи кӯр» ва амсоли онҳо ба табъ расидаанд.

Содиқ Ҳидоят ҳамчунин дар соҳаҳои гуногуни илмҳои таърих, адабиётшиносӣ, зистшиносӣ (этнография) асарҳо таълиф намуда, чанде аз ҳикояҳои А.П.Чеховро ба форсӣ гардондааст.

Мачмӯаи ҳикояҳои Содиқ Ҳидоят борҳо ба забони русӣ ва забонҳои дигари халқҳои СССР тарчума ва нашр шудааст.

# БУЗУРГ АЛАВӢ

Бузург Алавӣ 22 феврали соли 1904 дар Теҳрон таваллуд ёфтааст. Университети Берлинро хатм кардааст. Аввалин маҷмӯаи ҳикояҳояш «Чамадон» соли 1934 нашр гардидааст. Соли 1936 барои тарғиби ғояҳои социалистӣ ҳабс шудааст. Ҳикояҳои солҳои маҳбусиаш, ки муборизаи зиёиёни Эронро бар зидди истибдоди ҳукуматдорон ифода мекунад, дар маҷмӯаи «Варақпораҳои зиндон» (1941) гирд омадаанд. Дар повести ёддошти «Панҷоҳу се нафар» (1942) муборизаи маҳбусони сиёсӣ дар роҳи ҳақиқат, адолат ва баробарӣ тасвир шудааст. Алавӣ барои маҷмӯаи ҳикояҳои «Номаҳо» (1951), ки процесси инкишофи шуур ва иттиҳоди ҷавонони шаҳр ва деҳоти Эронро инъикос мекунад, сазовори мукофоти байналхалқии Сулҳ гардидааст. Романи «Чашмҳояш» (1952), ки муборизаи бошуурона ва муташаккилонаи оммаҳои демократии Эронро дар роҳи баробарҳуқуқӣ дар бар гирифтааст, ба Алавӣ шӯҳрати калоне овард. Тааммуқи психологӣ ба бисёр асарҳои Алавӣ хос аст. Маҷмӯаи ҳикояҳои Бузург Алавӣ бо унвони «Девори сафед» (1972) дар Тоҷикистон ба табъ расидааст. Алавӣ таълифоти адабиётшиносӣ ҳам дорад, к маъруфтарини он «Таърих ва инкишофи адабиёти муосири Эрон» (1961) аст. Алавӣ як силсила осори нависандагони рус (Чехов, Горкий, Маршак) ва аврупоӣ (Шиллер, Шоу ва ғ.)-ро ба форсӣ тарҷума кардааст. Соли 1953 Алавӣ ба Республикаи Демократии Германия ҳиҷрат кард. Як силсила асарҳои тезу тунди публицистиаш ба немисӣ («Эрони мубориз»), (1955), «Нафти хунин» (1956), «Кишвари гулу булбул» (1957) таълиф шудааст. Алавӣ ҳоло профессори Университети ба номи А.Ҳумболти РДГ буда, аз таърихи адабиёти Эрон дарс мегӯяд.

# МУҲАММАД ҲИЧОЗӢ

Муҳаммад Ҳичозӣ аз насли кӯҳансоли адибони Эрон буда, асосан бо ҳикояҳои худ шӯҳрат ёфтааст. Вай соли 1900 дар Теҳрон ба дунё омада, маълумоти ибтидоиро дар Сен-Луи ном мадрасаи ҳамин шаҳр гирифт ва сипас муддате дар Аврупо ҳаёт ба сар бурд. Пас аз бозгаштан ба Теҳрон дар муассисаҳои почта ва молия дар мансабҳои гуногун хизмат кард. Дар «Фарҳанги ҳидояти афкори ом» чанд вақт ба қисмати матбуот сардорӣ намуда, дар ҳамон чо мачаллаи «Эрони имрӯз»-ро (1938) ба табъ мерасонад. Пас аз соли 1941 муддате сардори муассисаи таблиғотии Эрон буд ва минбаъд бисёр мансабу вазифаҳои расмиро дар ӯҳда дошт.

Фаъолияти адабии Ҳичозӣ солҳои 20-ум оғоз ёфт ва ҳанӯз солҳои дар Париж буданаш романи «Ҳумо»-ро таълиф кард, ки он соли 1928 дар Теҳрон бори аввал нашр шуд. Соли 1929 романи «Паричеҳр» ва пас аз ин романи «Зебо»-ро навишт, ки мавзӯи асосии ҳар се ин романҳо инъикоси ҳаёти занони Эрон мебошад. Маҳорату истеъдоди Ҳичозӣ дар таълифи ҳикояҳои хурд возеҳ падид омад. Яке аз аввалин мачмӯаи ҳикояҳои вай «Ойина» (1942) 50 ҳикояро дар бар дошт. Гарчанде умуман ҳамаи ҳикояҳо дар рӯҳи панду насиҳати анъанавӣ навишта шуда бошад ҳам, забони онҳо бағоят равону фаҳмо буда, ҷиҳату чанбаҳои мухталифи ҳаётро ба ғояти дақиқӣ тасвир намудаанд. Пас аз ин мачмӯаи «Соғар» (1943) ва «Андеша» (1943) ба табъ расид. Ҳикояҳои ин мачмӯъа ҳам панду насиҳатӣ буда, дар айни ҳол муаллиф бисёр ҷиҳатҳои пурнуқсу сериллати ҳаётро ба қалам дода, дар рафъи он нуқсу иллатҳо ҳам саъю кӯшише менамояд, вале азбаски умуман назари адиб ба

воқеаҳои ҳаёт идеалистӣ мебошад, ба ин сабаб эҳтимоми нависанда ҳам аз доираи сирф панду насиҳат берун намебарояд.

Пас аз ин боз «Сиришк» (1953) ва «Оҳанг» (1954) ном маҷмӯаҳои ҳикояҳои адиб ба табъ расиданд.

Муҳаммад Ҳиҷозиро аз ҷиҳати ақидааш танқидгари суботкори замонаи асоратовари шоҳ шумурдан нашояд, вале адиб дар ҳикояҳо чунон лавҳаву манзараву воқеаву ҳодисаҳоеро ба қалам медиҳад, ки дар дили хонанда нисбат ба онҳо гоҳ ҳисси афсӯсу надомат ва гоҳ ҳисси нафрату адоват пайдо мешавад, яъне ин ҳикояҳо ба андозае шуури хонандаро бедор месозанд. Дигар ҷиҳати мусбати эҷодиёти Ҳиҷозӣ танқиди ошкорои тарзи ҳаёти америкой ва ифшои зӯру тааддии америкоиён аст (алалхусус дар ҳикояи «Сиришк), ки минбаъд дар бедории шуури мардуми Эрон ба андозае саҳме гузоштааст. Ғайр аз ин бояд дар назар дошт, ки адиб барои дарёфти роҳи наҷоти мудҳиш саъю кӯшиши бисёре мекунад.

## ЭЪТИМОДЗОДА МАҲМУД БЕҲОЗИН

Эътимодзода Маҳмуд Беҳозин соли 1914 дар шаҳри Рашт дар оилаи тоҷик ба дунё омадааст. Ҳангоми 12 солагии Маҳмуд падараш ба шаҳри Машҳад мекӯчад. Пас аз се сол оилаи онҳо ба Теҳрон меояд. Пас аз дарёфти маълумоти миёна Маҳмуд ба Париж рафта ба донишкадаи инжинери дохил мешавад. Вале онро хатм накарда, соли 1938 ба Эрон бармегардад. Ӯ дар Хуррамшаҳр дар флот ба хизмат шурӯъ мекунад. аз ҳамин вақт ӯ ба навиштани ҳикоя майл пайдо намуда, ба хондани асарҳои бадеӣбештар машғул мешавад. Пас аз бурида шудани дасти чап Беҳозин хизмати ҳарбиро тарк намуда, ба Теҳрон меояд ва дар вазорати маориф ба кор медарояд.

Дар ин давра ӯ ба эҷоди асарҳои бадеӣ ба таври ҷиддӣ машғул мешавад.

Соли 1944 маҷмӯаи аввалини Беҳозин «Пароканда» ба таъб мерасад. Маҷмӯаи дуюми ӯ соли 1948 бо номи «Ба сӯи мардум» чоп мешавад. Беҳозин, махсусан, дар навиштани ҳикояву лавҳаҳои лирикӣ маҳорати баланд дошта, дар ташаккул ва инкишофи он дар адабиёти муосири Эрон саҳми зиёд гузоштааст. Ба қалами Беҳозин як қатор повестҳо ҳам тааллуқ дорад, ки яке аз онҳо «Духтари раият» мебошад, ки ба тасвири ҳаракатҳои озодихоҳӣ дар деҳоти Эрон дар ибтидои асри XX бахшида шудааст. Хидмати Беҳозин дар тарчумаву интишори адабиёти рус ва советӣ дар Эрон низ калон аст. тарчумаи романи М. Шолохов «Дони ором», ки Беҳозин соли 1966 анҷом додааст, аз корҳои барчастаи ӯ дар ин соҳа мебошад.

ЧАВОД ФОЗИЛ

Рочеъ ба ҷараёни ҳаёти ин адиби Эрон дар дасти мо ягон маълумоти қазой нест. Фақат ҳаминаш маълум аст, ки Чавод Фозил муалифи зиёда аз 80 роман, повест ва ҳикоя мебошад, ки дар ҳамаи онҳо нависанда бо чашмони дақиқнигоҳ ҳаёти занони имрӯзаи Эронро ба қалам медиҳад. Нависанда соли 1949 повести «Духтари Ятим»-ро менависад.

Соли 1952 повести «Ишқу ашк»- и муаллиф аз чоп мебарояд. Худи ҳамон сол- 1952 повести дигари ӯ «Фоҳиша» чоп мешавад, ки он мақбули хонандагон ва мунаққидони зиёде гардидааст. Инчунин ба қалами нависанда повесту романҳои «Саргузашти Бадрӣ», «Лаънат бар ту эй ишқ», «Эй орзӯи ман» ва амсоли инҳо тааллуқ доранд.

Адиб манзараи мудҳишу пурҳалокати ҳаёти занонро хеле ҳаққонӣ, пуртаъсир тасвир менамояд ва ҳатто дар баъзе повесту ҳикояҳояш («Ишқу ашк», «Фоҳиша») сабабҳои иҷтимоии ин касофатро тадқиқ

карданӣ мешавад, вале ин нигоҳи вай ба умқи аслии ин бедодӣ, ба решаи ин зулму таадӣ рафта намерасад. Аммо аҳамияти эҷодиёти Ҷавод Фозил пеш аз ҳама дар он аст, ки ба туфайли асарҳои вай шуури занони Эрон то андозае бедор шуда, муборизаи онҳо баҳри ҳуқуқи худ ҷоннок гардид.